Ҳамин тавр мақомоти гумрук дар амали намудани манфиатҳои кишвар дар соҳаи савдои хориҷ , рушди истеҳсолоти дохил , бартараф намудани таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии Тоҷикистон, пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурию ҷиноят ва ғани гардонидани қисми даромади буҷети давлат , мусоидат менамояд.

Дар баробари ин оид ба такмили танзими миллии гумрук -тариф , ки ҳоло асосан вазифаҳои фискалиро иҷро мекунанд, чунин тадбирҳо ба анҷом расонида шавад ба мақсад мувофиқ аст.

- сохтор ва меъёрҳои тарифи гумрукии кишвар ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва сиёсати миллии саноатикунонии босуръати кишвар дар асоси он ташаккулёфта тобеъ гардонида шаванд.

- иҷрои ҳдадориҳои байналмилалии ҷумҳур дар самти тиҷорати хориҷ ;

- мукаммалсозии самти маъмурикунонии гумрук , пеш аз ҳама, тавассути татбиқи назорати ҳамаҷонибаи гумрукии моли воридот , соддагардонии технологияи барасмиятдарории гумрук , ба стандартҳои ягонаи байналмилал мутобиқ гардонидани расмиёти аз сарҳад гузаштани мол.

## Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷ ”;

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024, №470 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2018, №399;

3. Мираков Қ.М., Муминов А.Б., Шомудинов О.Д. Назария ва амалияи фаъолияти гумрук . Китоби дарс . – Душанбе: Матбааи “Баҳманр д”, 2020.-472с.;

4. Раҷабов Р.К., Фаҷеров Ҳ.Н., Ҳикматов С.И., Раҷабова Н.Р. Танзими тарифию гумрукии муносибатҳои иқтисодии байналхалқ , дастури дарс . – Душанбе: “Ирфон - 2008”, 2020.-472с.;

5. Раҳматов А.С., Носирова Ф.Ю., Сафаров И.И. Асосҳои назорати содирот . Васоити таълим барои муассисаҳои таҳсилоти ол – Душанбе: ООО “Сифат”. 2023-304с.;

6. Мачм аи мақолаҳо ва маър заҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илм – амал бахшида ба 20 солагии Иҷлосияи таърихии XVI Ш рои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: душанбе 2012: КВД “Матбаа”-и Хадамоти гумрук;

7. Дробот Е.В. Таможенно - тарифное регулирование внешнеторговой деятельности как инструмент обеспечения экономической безопасности [Текст] / Е. В. Дробот, Н. В. Потехина // Экономические отношения. – 2017. – № 3. – С. 229-246;

8. Дюмулен, И.И. Международная торговля. Тарифное и не тарифное регулирование. Учебник/ И.И. Дюмулен. - М.: ВАВТ Минэкономразвития России, 2022. - 548с.;

9. Непарко М. В. Таможенно-тарифное регулирование в России: современные тенденции и перспективы [Текст] / М. В. Непарко // Научные труды Калужского государственного университета им. К. Э. Циолковского. – Калуга: Издательство КГУ имени К.Э. Циолковского, 2017.

10. Платонова А .С. Пути совершенствования таможенно-тарифного регулирования внешнеторговой деятельности в РФ в условиях глобализации экономики [Текст] / А. С. Платонова // Актуальные проблемы права: материалы VI Международной науч.-практ. конф., г. Москва, декабрь. – М,: Буки-веди, 2017.

Сомонаи расмии Хадамоти гумрук (gumruk. tj).

## НАҚШИ Д.И. МЕНДЕЛЕЕВ ДАР ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ГУМРУКИИ РУСИЯ

**Насриддинов Фирӯзҷон Бобоевич**
профессори кафедраи “Фаъолияти гумруки”- и

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
полковники хадамоти гумрук
**Абдуҷабборзода Саидислом**
номзади илмҳои иқисод , дотсенти кафедраи "Фаъолияти гумруки"- и
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
полковники хадамоти гумрук

*Дар мақола нақши Д.И. Менделеев дар таҳияи сиёсати гумрукии Русия дида баромада шуда, пешниҳодҳо нисбати истифодаи он дар шароити муосир ирсол шудааст.*

*Вожаҳои калидӣ: ислоҳот, сиёсати гумрукӣ, таҳия, тарифи гумрукӣ, тадбирҳо*

*«Какой я химик, я политэконом! Что там «Основы химии», вот «Толковый тариф» - это другое дело!»*
*Дмитрий Иванович Менделеев (1834-1907)*

Иштироки Менделеев Дмитрий Иванович дар таҳия ва татбиқи сиёсати тарифии гумрукии Русия то имр з яке аз самтҳои камтар ом хташудаи илмии Менделеев Д.И. мебошад. Олим дар назди Ватан се хизмати худ - меҳнат ба нафъи нашъунамои саноати рус, кор дар соҳаи табиатшинос ва педагогиро яке аз самтҳои судманди давлат медонист.

Шавқу ҳаваси Менделеев Д.И. ба масъалаҳои умумии тараққиёти социалию иқтисодии Русия тадриҷан инкишоф меёфт. Ӯ аллакай дар солҳои 1860 ба омузиши проблемаҳои соҳаҳои гуногуни саноат машғул шуда буд ва ба ом хтани шароити тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаро шур ъ карда буд. Мувофиқи ифодаи яке аз олимон, Дмитрий Иванович «ҳама вакт пои худро дар риқоби иқтисод нигох медошт», зеро дар охири солҳои 80-уми асри XIX вақте давраи тартиб додани тарифи гумрук расида буд, вай фавран тайёр буд, ки ба чунин кори азим шур ъ намояд [1]. То ин вақт, пас аз маҳфилҳои савдои озод дар солҳои 1850-1860, сиёсати гумрукии Русия хусусияти қатъиян протектсионист пайдо кард. Боҷҳои гумрук нисбат ба арзиши моли ба мамлакат овардашуда рақамҳои зеринро дар бар мегирифт: солхои 1857 - 1868 — 18 %, солхои 1869 - 1876 — 13 %, солхои 1877 - 1880 — 16 %, солхои 1881 - 1884 — 19 %, солхои 1884 - 1890 — 28 % [2].

Дар адабиёт дар фаҳмиши ҳадафҳо ва моҳияти сиёсати гумрукии Русия дар солҳои 1880-ум фарқиятҳо мавҷуданд. Шапошников Н.Н. дар он «бозгашти меркантилизм ва протектсионизми бетарафиро» медид, Струве П. бошад ҳамчун таъсири мутақобилаи фискализм ва протектсионизм гумон мекард, ки боиси таъсиси низоми гумрук гардиду ниҳоят дар соли 1891 шакл гирифт, Соболев М.Н. дар он мақсади асосии фискалиро эътироф намуда, чунин мешуморид, ки маҳз «бо ҷидду чаҳди бузурги куввaҳои пардохткунандаи омма ба таври дурахшон ба амал бароварда шудааст» [3-

5]. Сарфи назар аз тафовути баҳоҳо маълум аст, ки дар баробари мулоҳизаҳои муҳофизат манфиатҳои фискал дар татбиқи тадбирҳои гумрук ҳалкунанда буданд - афзоиши даромади давлат ниёзи ҳамар за буд.

Менделеев Д.И. дар тартиб додани тарифи гумрук аз тарафи вазири молия Вишнеградский И. тахминан моҳи сентябри соли 1889 ҷалб шуда буд ва намояндаи барҷастатарини ақидаҳои протектсионист буда, дар ташаккули ставкаҳои боҷ таъсири хеле назаррас дошт. Зарурияти таърихии индустрикунонии Русияро исбот намуда, яке аз тадбирхои дастгирии саноати ватаниро ба тарифи гумрук ишора намуд. Дар мубоҳисаҳои шадид Менделеев Д.И. тавонист, ки принсипҳои асосии лоиҳаи худро ҳимоя кунад; онҳо дар шарҳҳо ва ислоҳоти сершумор гум нашуданд ва асоси тарифи ягонаи гумрукии Империяи Русияро дар самти тиҷорат бо Аврупо ташкил доданд. Муҳаққиқони таърихи хочагии халқи онвақта бесабаб тарифи соли 1891-ро «Менделеев» миномидаанд.

Солҳои 1891—1892 «Тарифи тавзеҳот , ё таҳқиқи рушди саноати Русия вобаста ба тарифи умумии гумрукии он дар соли 1891» - асари асосии Менделеев Д.И. оид ба ин масъала навишта шудааст. Дар он шарҳи муфассали тарифи гумрук бо асоснокии иқтисодии меъёрҳои андози қабулшуда барои навъҳои алоҳидаи молҳо, тавсифи вазъияти соҳаҳои асосии саноат ва аниқ кардани ояндаи тараққиёти онҳо оварда шудааст Доираи азими манбаъҳои истифодашуда, васеъ будани маводи пешниҳодшуда, коркарди ҳамаҷониба ва ба низом даровардани он «Тарифи тавзеҳот »-ро як навъ энсиклопедияи иқтисодии пас аз давраи ислоҳоти иқтисодиёти Русия гардонд [6].

Олим дар асоснок намудани консепсияи худ ба таҷрибаи таърихии ҷаҳон ва ватан доир ба савдои беруна ва сиёсати гумрук р оварда, ҳамзамон мушоҳидаҳо ва донишҳои шахсии худро дар ом зиши соҳаҳои гуногуни саноати Русия васеъ истифода бурд. Мувофиқи мушоҳидаҳои Ковалевский В.И. “Менделеев Д.И. кушиш мекард, ки ақидаҳои худро дар бораи саноат аз ҷиҳати сиёс , илм , фалсаф ва ахлоқ асоснок кунад. Конструксияҳои мантиқии дар бораи саноат категор буда, онҳо инчунин силсилаи худро доранд, г ё «системаи давр » дошта бошанд [7].

Менделеев Д.И. моҳияти протексионизмро на дар баландии боҷҳо ба молҳои воридот ва зиёда аз он на дар манъи воридот, балки дар муҳайё намудани шароити иқтисодии тараққиёти саноат медид. Олим ба хулосае омад, ки тарифи дурусти «тавзеҳот »-ро танҳо як навъ ҳисоб кардан лозим аст, ки дар он ҳар як намуд ва навъи мол алоҳида муҳокима карда шавад. Вай ба асоснок кардани принсипҳои протексионизми гумрук аҳамияти якумдараҷа медод. Ҳангоми таҳияи тариф, чи тавре, ки роҳандоз гардидааст, бояд ба нуктаҳои зерин такя намуд: аввалан, «тарифи гумрук ҳамеша масъалаи замон, шароит ва вазъияти ҳамон кишваре хоҳад буд, ки

ба он татбиқ карда мешавад»; баъдан, «аз тариф ҳамон вакте натиҷаҳои хеле мусоидро интизор шудан мумкин аст, ки вай устуворона ҷор карда шуда, ба он мутобиқ шудан мумкин бошад ва системам он бо яклухт фарқ кунад»; инчунин, тариф бояд «ба ҳар як фард мақсадҳои ҳақиқии ва он принсипҳоеро, ки ҳаҷми маоши гумрукии ро муайян мекунанд, равшан нишон диҳад" [6].

Менделеев Д.И. дар мақолаи «Сафедкунии протексионизм» (1897) аз фаҳмиши маҳдуди сиёсати сарпараст ва танҳо ба як боҷи гумрук кам кардани он огоҳ карда буд. Ба ақидаи , «протексионизм на танҳо онҳоро, балки маҷм и тадбирҳои давлатиро дар назар дорад, ки ба саноат ва тиҷорат мусоидат мекунанд ва ба онҳо мутобиқ карда мешаванд, аз мактабҳо то сиёсати хориҷ , аз роҳҳо то бонкҳо, аз муқаррароти ҳуқуқ то намоишгоҳҳои ҷаҳон , аз шудгори замин то ба суръати интиқол ... Ин ҳатм аст ва як формулаи умумиро ташкил медиҳад, ки дар он боҷҳои гумрук танҳо як қисми хурди маҷм ъ мебошанд» [8]. Дар мақола инчунин идеяи дигари бунёдии Менделеев Д.И. - эътирофи зарурияти таъсири фаъолонаи давлат ба иқтисодиёт таҳия шудааст. Олим таъкид мекунад, ки давлат муваззаф аст, ки бо ҳар роҳ саноату савдои кишвари худро инкишоф, пешбар ва ҳифз кунад. Ба қавли Менделеев Д.И. солҳое, ки аз вақти кабули тарифи соли 1891 гузашт, дурустии роҳи интихобкардаи сиёсати гумрукиро нишон доданд: тариф воридотро кам накард, даромади гумрук зиёд шуд ва бо ҳамин даромади умумии давлат афзуд.

Дар баробари ин, дар изҳороти Менделеев Д.И. то андозае муболиға кардани роли сиёсати протексионистии давлат ва имкониятҳои таъсири судбахши он ба иқтисодиёт чашмрас мебошад. Вай баръало рушди саноатро идеализатсия карда, таъкид менамуд, ки «агар дурахши шафақи олами умум намоён гардаду тақсими қонунии шукуфо барои кишварҳо ва одамон имконпазир бошад, пас танҳо тавассути хамон саноат амал мегардад» [6]. Менделеев Д.И. диққатро ба характери ҳаматарафаи капитал ҷалб намуда, ба имкониятҳои он дар ҳалли проблемаҳои асосии ҷамъияти ҷахон аз ҳад зиёд баҳо дода буд: «Капитал ватан надорад: вай ба мисли навъҳои олии инсоният - дин, санъат, илм - умумибашар мебошад, ба роҳи осоишта халқҳо ва мамлакатҳоро баробарҳуқуқ гардонда муттаҳид менамояд» [9].

Тарафдорони роҳи индустрикунон дар байни органҳои ол ба Менделеев Д.И. ҳамчун олим ва ходими ҷамъият баҳои баланд дода, кушиш мекарданд, ки имкониятҳои ин шахсияти барҷастаро беҳтар истифода баранд. Дар солҳое, ки Витте С.Ю. дар ҳокимият вазифаҳои баландро ишғол мекард, Менделеев Д.И. бо фаъолона ҳамкор дошт ва ба «иродаи ол » такя карда сиёсати иқтисодии Империяро муайян мекард. Витте С.Ю. дар соли 1899 кайд карда буд, ки «Ташкили саноати шахс на

танҳо вазифаи асосии иктисод , балки инчунин сиёс мебошад, ки асоси системаи проексионистии моро ташкил медиҳад». Дар ташаккули ин система Менделеев Д.И. роли калонро бозида буд.

Менделеев Д.И. ба программаи тараққиёти саноати ватан ва савдо, ки соли 1893 дар шуъбаи молия тартиб дода шуда буд, таъсири калон расонд, дар тартиб додани тарифи гумрукии соли 1903 иштирок карда буд. Дар ибтидои аср, вақте ки дар амалияи савдои байналхалқ аз сиёсати гумрукии худмухтор ба низоми тарифҳо гузаштани давлатҳои пешбари ҷаҳон ба таври равшан ошкор шуд, ба омода намудани созишномаҳои тиҷорат бо дигар кишварҳо диққати зиёд дод. Дар даврони роҳбарии Витте бе хулосаи Дмитрий Иванович ягон чорабинии муҳими марбут ба савдо ва саноат гузаронида намешуд. Фаъолияти дар ин соҳа бо гуногунии истисно хос буд. Олим якчанд корҳои гуногунро дар як вақт анҷом дода метавонист: тайёр кардани қайду хулосаҳои таҳлилиро барои вазорату идораҳо бо кор дар конгресҳои тиҷоратию саноат ва баромадҳо дар ҷамъиятҳои илм ; навиштани корҳои асос (ё бобҳои асарҳо) ва сафарҳо барои ом хтани минтақаҳои алоҳидаи иқтисодии мамлакат; иштирок дар маҷлисҳо ва комиссияҳои сершумори ҳукумат ва аниқ кардани ҳолату иқтидори содиротии соҳаҳои саноат ва истеҳсолот; фаъолият дар намоишгоҳҳои умумиҷаҳон ва форумҳои байналхалқии илм ва мусоҳибаҳои газетаҳо ва полемикаҳо дар матбуот.

Дар охири солҳои 1890 дар шароити боз ҳам тезу тунд шудани мубориза аз р йи проблемаҳои тараққиёти иқтисодии мамлакат бо мақсади таъсир расондан ба худи Николаи II Витте ба нуфузи Менделеев Д.И. муроҷиат карданро зарур донист. Солҳои 1897-1901 олим бо хоҳиши вазир ба подшоҳ як қатор мактубҳо навишт, ки дар онҳо тарафдории нигаҳдории муттасил ва пай дар пайиро дар сиёсати иқтисод қайд карда буд (роҳи индустрикунониро Александри III васият карда буд), м ътадил ва қатъиян муҳокима кардани системаи сарпарастиро дар Россия асоснок кард, ногузирии қурбониҳои протексионизмро эътироф намуд ва ғайра [9]. Ба гуфтаи худи Менделеев Д.И., муроҷиатҳои ӯ «аз ҷониби ҳокимияти давлат хуб пазируфта шуданд ва то андозае самара бахшиданд».

Проблемаҳои сиёсати савдо дар фаъолияти Менделеев Д.И. то охири умри ҳамчун олими дорои табъи барҷастаи ҷамъият , истеъдоди полемист , қалами тези публисист яке аз самтҳои муҳим боқ монданд. Менделеев Д.И. то солҳои барҷастаи худ, мувофиқи шаҳодати ёддоштҳо, «ваҳшигии табиии Сибириро, ки ба ҳеҷ ваҷҳ тоб наовардааст», нигох дошта, солҳои дароз дар сафи пеши мубориза барои тараққиёти иқтисодиёти мамлакат буд. Ҳамзамонон қайд мекарданд, ки боварии ба қувваи тавоно ва серсоҳаи саноат бечуну чаро ва беканор буда, баъзе хислатҳои фанатизмиро дорад. Олим маҷбур шуд иттиҳомотро, ки фаъолияти ро дар

пешбурди ғояҳои индустрикунон ба манфиати шахс ба корҳои баъзе ширкатҳо вобаста аст, рад кунад: «Овози ман замоне ҳам дар соҳаҳои маъмур ва ҳам дар тиҷорат шунида мешуд. Ман ба охирин на танҳо бо маслиҳат, балки дар амал ҳам бисёр к мак мекардам, гарчанде, ки ман ҳамеша аз иштирок дар имтиёзҳо худдор мекардам, зеро медонистам, ки бо мо ин боиси суст шудани таъсири эҳтимол дар соҳаҳои пешқадам мегардад ва фикрҳои ман бо чаҳорч баи танги ягон корхона ё корхонаи алоҳида маҳдуд набуданд...».

Менделеев Д.И. дар бораи натиҷаҳои фаъолияти илмии чандинсолаи худ мулоҳиза карда, проблемаҳои замони хешро ба назар гирифта, бештар ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисод муроҷиат карда, қонуниятҳои протсесси таърихиро меомузад, моҳият ва хусусиятҳои давраи муосири худро равшан мекунад. Бесабаб нест, ки публитсистикаи иҷтимоию фалсаф дар эҷодиёти олим махсусан дар солҳои охир мавқеи намоёнро ишғол кардан гирифт. Қобили зикр аст, ки чунин самти ҳаракати фикр яке аз анъанаҳои хоси зеҳнии илми рус аст, масалан, зикри номҳои Ломоносов М.В., Вернадский В.И., Сахаров А. …

Профессори химия Чугаев Л. дар яке аз аввалин тадқиқотҳои ҳаёт ва эҷодиёти Менделеев Д.И. ро на танҳо ҳамчун табиатшиноси барҷаста, балки ҳамчун донандаи саноати рус, мутафаккири асил дар соҳаи таълимоти хоҷагии халқ тавсиф кардааст, ҳамчун олими дорои шуури давлат , ки «вазифаҳо ва ояндаи Русияро аз намояндагони ҳукумати расмии мо дида, хубтар дарк мекард, вале, мутаассифона, ба насиби арбоби давлат наомадааст» [10]. Ин характеристика ҳамон ҷиҳатҳои шахсияти Менделеевро инъикос мекунад, ки дар фаъолияти оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати гумрукию тарифии Русия бо қувваи хоса зоҳир мегардид. «Корҳои тариф » соҳаи ба ҳам пайвастани донишҳои табиатшинос , иқтисодию иҷтимо , синтези назария ва амалия гардид, ки олим ҳамеша ба он к шиш мекард.

## Адабиёт


1. Смирнов Г. В. Менделеев.- М., 1974. С. 264.
2. История СССР с древнейших времен до наших дней. М., 1968. Т. 5. -С 142, 323.
3. Шапошников Н. Н. Таможенная политика России до и после Революции. -М.; Л., 1924.- С. 18.
4. Струве П. Б. Торговая политика России: Лекции. -СПб., 1913. -С. 238.
5. Соболев М. Н. Таможенная политика России во второй половине XIX века. -Томск, 1911. С. 842, 850.
6. Менделеев Д. И. Толковый тариф или Исследование о развитии промышленности России в связи с ее общим таможенным тарифом 1891 года. -СПб., 1892.

7. Ковалевский В. И. Воспоминания / Публ. Л. Е. Шепелева // Русское прошлое: Ист.-док. альм. СПб., 1991. Вып. 2. -С. 39.
8. Менделеев Д. И. Оправдание протекционизма // Новое время. 1897.
9. Д. И. Менделеев - Николаю II. Ноябрь 1898 г. (Научный архив Д. И. Менделеева при СПбГУ (НАМ СПбГУ). 1-я б-ка. Т. 1050. Док. 7. -С. 10).
10. Чугаев Л. А. Дмитрий Иванович Менделеев: Жизнь и деятельность. - Л., 1924. -С. 15.

## САМТҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАКМИЛИ МАЪМУРИКУНОНИИ ГУМРУКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Мираков Қудратулло-** н.и.т., дотсенти ДДМИТ

*Дар мақола масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили маъмурикунонии гумрукӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда чиҳатҳои назариявӣ ва амалии муфидгардонидани маъмурикунонӣ дида баромада шудааст. Дар он муаллиф кушиш намудааст, ки бо дарназардошти амал намудани Созмонҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ба амаломада роҳҳои такмил додани механизми такмилдиҳии самти мазкурро таҳия ва пешниҳод намояд. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар асоси омузиш ва тахқиқ мутобиқ намудани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созишномаҳои байналмилалӣ, дар амал татбиқ намудани талаботи боби 8[1] Кодекси гумрук, мутобиқ намудани қонунгузории гумруки ҷумҳурӣ ба талаботи Созишнома дар бораи содагардонии расмиёти савдо чорабиниҳои мушаххасро пешниҳод намояд.*

*Ҳамин тавр мақолаи пешниҳодгардида дар асоси фаъол сохтани амалиётҳои гумрукӣ ва риояи санадҳои муҳимми ташкилию ҳуқуқӣ ба муфидгардонии маъмурикунонии соҳаи гумрук равона гардидааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолияти гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, созишнома, конвенсия, барнома, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рақамикунонии гумрукӣ, назорати гумрукӣ, муфидгардонӣ.*

Масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили маъмурикунонии гумрукӣ дар шароити имрӯза хело муҳим буда зарурати таҳқиқ ва омӯзишро ба миён овардааст. Муаммои мазкур характери минтақавӣ дошта аҳамияти махсусро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо кардааст. Бинобар ҳамин дар мақола чиҳатҳои такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маъмурикунонии гумрукӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода мешавад.

Муаммоҳое, ки дар фаъолияти мақомоти гумрук боқӣ мондаанд, боиси пастшавии самаранокии маъмурикунонии гумрукӣ, рақобати беинсоф, воридшавии молҳои пастсифат ба бозори дохилӣ ва дигар зуҳуроти манфӣ мебошанд.

Зарурат ба миён омаадааст, ки мақомоти гумрук ба тағйирёбиҳои ба вуқӯъ омадаистода тибқи таҷрибаи байналмилалӣ ва талаботи ҷомеа ва давлат хубтар таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ин ташаккули заминаҳои нави такмили маъмурикунонии гумрукиро талаб мекунад.

Бо мақсади муайян намудани ҳадафу вазифа ва самтҳои асосии рушди мақомоти гумруки миллӣ Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сипас Барномаю нақшаҳои рушди мақомоти гумруки кишвар барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат таҳия гардидаанд. Аз ҷумла, Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ шудаанд.

Заминаҳои ҳуқуқии мазкур имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки дар шароити авҷ гирифтани муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳамзамон ҷой доштани аломатҳои буҳронӣ муҳим будани ҳалли масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили маъмурикунонии гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Аз ҷумла, барномаи маъмурикунонӣ ва рақамикунонии мақомоти гумрук нишондиҳандаҳои асосии рушд ва таҷдиду азнавсозии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои минбаъда бо назардошти маҳдудиятҳои захираҳои буҷетӣ ва имкониятҳои ҷалби сармоя қоидаҳоеро пешбинӣ намудааст, ки онҳо аз унсурҳои зерини идоракунии фаъолияти гумрукӣ иборатанд:

- содагардонии расмиёти содиротию воридотӣ;
- барасмиятдарории саривақтию шаффоф;
- аз байн бурдани монеаҳо дар гардиши тиҷорати хориҷӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки амали гардонидани унсурҳои зикргардида танҳо бо роҳи вусъат бахшидани инфрасохтори гумрукӣ ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ имконият пайдо мекунад. Дар ин замина дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳое ба амал меоянд, ки онҳо барои устувор гардонидани буҷети давлатӣ дар асоси тақвият бахшидани ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иктисодии кишвар равона карда мешаванд. Тадбирҳои мазкур характери комплексӣ дошта, аз такмил додани қонунгузорӣ, маъмурикунонии гумрукӣ, рушди низоми идораи таваккал, иҷрои вазифаҳои фискалӣ, риояи мамнӯияту маҳдудият, самти ҳифзи ҳуқуқӣ ва таъминоти ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, дар ин замина бо дарназардошти васеъ ба роҳ мондани фаъолияти гумрукӣ рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, кор бо мутахассисон, экспертиза ва таҳқиқот, тавсеаи инфрасохтори гумрукӣ, рушди ҳамкории байниидоравӣ ва низоми пешниҳоди хизмати давлатӣ, амалӣ гардонида мешавад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон  дар доираи ҳалли масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили  маъмурикунонии гумрукӣ  аз ҷониби Хадамоти гумрук  як қатор чорабинӣ ба нақша гирифта шудааст, ки иҷроиши онҳо саривақтӣ ва пурррa таъмин гардидаанд.

Аз назари мо татбиқи масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии такмили маъмурикунонии гумрукӣ аз амал намудани механизми махсусгардонидашуда вобастагии зич дорад. Нигаред ба расми 1.




**Расми 1. Механизми ташаккулёбии таъмини хаммонандкунунони қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

Чи тавре аз расми 1 бармеояд имрӯзҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳои зарурии ташкилию ҳуқуқӣ сафарбар гардида, тибқи талаботҳо ва таҷрибаи бойи байналмилалӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла:

➢ Бо мақсади мутобиқ намудани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созишнома оид ба содагардонии расмиёти савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (бо дарназардошти тағйирот аз соли 1999), ки Тоҷикистон дар соли 2015 онҳоро эътироф намудааст, аз ҷониби Хадамоти гумрук соли 2020 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо вазорату идораҳо мувофиқа ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Боиси тазаккур аст, ки Қонуни мазкур мутобиқ ба талаботи Стандартҳои созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо - Созишнома оид ба содагардонии расмиёти савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (таҷдиди назаргаштаи Конвенсияи Киото) меъёрҳои зеринро муқаррар намудааст: [1,2]

- заминаи ҳуқуқӣ барои саривақт нашр намудани иттилоот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ гузошта, мақомоти гумрукро муваззаф менамояд, ки маҳзани маълумот оид ба

қарорҳо дар бораи таснифоти мол ташкил ва нашр карда шавад (тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 18, 23, 39, 40, 41, 44, 63, 108, 226, 387 ва 439 Кодекси гумрук);

- иҷозати мол ҳангоми ошкор шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо бо шарти таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба маблағи пардохтшавандаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо иҷозат дода мешавад (илова ба моддаи 154 Кодекси гумрук);

- ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои гузаронидани экспертизаи гумрукии такрорӣ васеътар шудааст (илова ба моддаи 421 Кодекси гумрук);

- асосҳои ҳуқуқӣ барои таъмин, батаъхиргузорӣ ё тамдиди муҳлати пардохти боҷҳои гумрукию андоз зиёдтар шудаанд (илова ба моддаи 379 Кодекси гумрук);

- механизми пешниҳод ва истифодабарии таъминоти генералии пардохти боҷҳои гумрукию андоз ҷорӣ шудааст (илова ба моддаи 382 Кодекси гумрук);

- мақомоти гумрук вазифадор мешавад, ки панҷ рӯз пеш аз оғози санҷиши гумрукӣ ба таври хаттӣ шахси санҷидашавандаро аз гузаронидани санҷиши гумрукӣ огоҳ намояд (илова ба моддаи 417 Кодекси гумрук);

- ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ васеътар гардидааст (ба Кодекси гумрук моддаи $470^1$ илова шуд).

Ҳамзамон, бо мақсади иҷрои талаботи Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба содагардонии расмиёти савдо, ба Кодекси гумрук боби нав $8^1$ (моддаҳои $68^1$-$68^4$) оид ба ҷорӣ намудани консепсияи «Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ» (Иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) илова карда шуда, вобаста ба он ба моддаҳои 17, 67, 117, 150, 384, 405, 417 ва 505 Кодекси гумрук тағйироти дахлдор ворид гардидааст.

Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ё ин, ки «Иштирокчии боэътимоди бозор» - ин шахси ҳуқуқие, ки бо риояи талаботи қонунгузории гумрукӣ фаъолиятро вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, расмиёти содагардонидашудаи махсуси гумрукиро истифода мебарад. Новобаста аз он, ки расмиёти содагардонидашудаи махсус барои барасмиятдарории гумрукии шахсони алоҳида қаблан ҳам истифода мешуд, консепсияи Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ институти нав буда, ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯ буда имкон медиҳад, ки фазои сармоягузории ҷумҳурӣ беҳтар шавад ва расмиёти гумрукӣ, аз ҷумла расмиёти содиротӣ сода ва тезтар анҷом ёбад.

Ба шахси ҳуқуқӣ, ки дорои мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ мешавад, содагардонии махсуси зерин пешниҳод мегардад:

- анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати мол *дар навбати аввал*;

- *дар навбати аввал* гузаронидани назорати гумрукӣ, дар сурати таъини он дар шакли азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ;

- *нигаҳдории муваққатии мол* дар бино, дар майдончаҳои кушода ва ҳудуди дигари танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- *иҷозати мол то пешниҳоди* декларатсияи гумрукӣ;

- *анҷом додани амалиёти гумрукӣ* марбут ба иҷозати мол дар бино, майдончаҳои кушода ва ҳудудҳои дигари танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- *пешниҳод накардани таъмини иҷрои уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз* ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ ва ҳангоми иҷозати моле, ки нисбати он Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ҳамчун декларант баромад мекунад.

➢ Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи боби $8^1$ Кодекси гумрук «Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ» таҳия ва бо фармоиши Хадамоти гумрук аз 21 июли соли 2020, №94-ф ба тасвиб расид. Фармоиш ва Тартиби мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рамзи 1030 аз 18 августи соли 2020 ба қайд гирифта, дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» №162 (24 017) санаи 26 августи соли 2020 нашр карда шуд ва аз рӯзи интишори расмӣ мавриди амал қарор дорад.

➢ Ҳамчунин, бо мақсади мутобиқ кардани қонунгузории гумруки ҷумҳурӣ ба талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бо софкории пул (ФАТФ), бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1659 ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки тибқи онҳо қисми 4 моддаи 578 Кодекси мазкур дар таҳрири нав тасдиқ шуд.

➢ Бахри ҷавобгӯ сохтани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, соли 2022 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тибқи тартиби муқарраршуда бо вазорату идораҳо муфовиқа гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1932 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаҳои 127 ва 394 Кодекси гумруки Ҷумҳурии

Тоҷикистон тағйироти дахлдор вобаста ба Стандартҳои Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киотои таҷдидгардида) ворид гардид.

- Ҷиҳати мутобиқ намудани тартиби ситонидани хироҷҳои гумрукӣ ба талаботи Созишнома дар бораи содагардонии расмиёти савдо, соли 2021, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №352 "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукӣ"» таҳия шуд. Лоиҳаи мазкур хориҷ намудани банди 3 қоидаҳои ситонидан, ташаккул ва истифодабарии хироҷҳои гумрукиро (оид ба ситонидани хироҷи гумрукӣ ба андозаи дукарата) пешбинӣ менамуд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2022, №104 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №352 тағйирот ворид гардида, хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ, новобаста аз вақт ва маҳалли барасмиятдарорӣ, ба андозаи яккарата ситонида мешавад.

Дар доираи тақвият ёфтани татбиқи унсурҳои ташкилию ҳуқуқӣ муфид гардонидани маъмурикунонии гумрукӣ омили таъсирбахш баромад мекунад. Асоси онро ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав ва рақамикунонӣ ташкил дода интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёти бо хароҷотҳои камтарин барои беҳтар кардани фаъолияти гумрукӣ мусоидат менамоянд.

Мақсади ҷорӣ намудани талаботи Конвенсияи гумрукӣ оид ба боркашонии байналмилалӣ бо истифодаи дафтарчаи TIR ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт қабулгардида, ин кам намудани монеаҳо дар хатсайри боркашонии байналмилалӣ, гузариши транзитӣ, кафолати расонидани бор то маҳали таъинот, таъмини пурраи пардохтҳои гумрукӣ мебошад.

## Адабиёт


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537 «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024".
2. Фармоиши Хадамоти гумрук аз 3 феврали соли 2020, №12-ф "Дар бораи тасдиқ намудани Ҷадвали амалисозии чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024"
3. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643.

4. Мираков Қ.М. Назария ва амалияи фаъляити гумрук.Китоби дарсӣ/ Қ.М.Мираков, А.Б.Муминов, О.Д.Шомудинов. –Душанбе: Матбааи “Баҳманруд”, 2020. - 472 с.

## РАҚАМИКУНОНӢ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ёров Ёрмаҳмад Надирович** – сардори шуъбаи танзими ғайритариф ва назорати содироти Раёсати ташкили назорати гумрукии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Мақсади тадқиқот таҳлили таъсири рақамӣ ба рушди фаъолияти тиҷорати хориҷӣ мебошад. Усулҳои таҳлил ва синтез барои муайян кардани тамоюлҳои асосии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ таҳти таъсири равандҳои рақамӣ ва муайян кардани таъсир ба фаъолияти субъектҳои тиҷорати хориҷӣ истифода шуданд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда мо метавонем ба хулосае омадем, ки рушди бозори молҳо ва хизматрасониҳои баландтехнологӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои нави рақобатпазир эҷод карда шаванд, ки ба ҳалли мушкилоти тиҷорати ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Рақамикунонӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ.*

Рақамикунонии мақомоти гумрук давраи тулониро дар бар гирифта, оғози он ба Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд аз 31 январи соли 2005 оид ба қабул гардидани Лоиҳаи «Модернизатсияи мақомоти гумрук ва рушди инфраструктура» рабт дорад.

Дар ин замина, «Маркази идораи лоиҳаи минтақавии таҳкими гумрук ва рушди инфраструктура» таъсис дода шуд, ки он баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрукро тавассути таҳкими инфрасохтори гумрук ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоот дар назар дошт.

Бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти гумрук ва стандартикунонии расмиёти гумрук , аз соли 2014 Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук дар реҷаи вақти воқе фаъолият мекунад, ки ба туфайли он шаклҳои электронии декларатсияи гумрук ва барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт пурра татбиқ гардиданд.

Татбиқи система ва гузариш аз шакли коғазии декларатсиякунони ба шакли электрон ва мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои расм қадами

навбат дар таҳкими татбиқи ҳукумати электрон, содда ва шаффофияти расмиёти марбут ба танзими савдои хориҷ ва хидматрасонии давлат мебошад, ки мутаносибан гардиши савдои хориҷиро афзоиш медиҳад ва муҳити соҳибкориро беҳтар мекунад.

Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона шабакаи боэътимод ва ҳимояшавандаи интиқоли маълумотро дар назар дошта, сохтани инфрасохтори ягонаро байни воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук ва дастгоҳи марказии Хадамоти гумрук бо ташкили дастрасии истифодабарандагон ба захираҳои марказии махзани маълумот ва таъминоти барномав, ки автоматонидани амалиёту расмиёти дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо таъмин менамояд [2].

Системаи мазкур, автоматонидани ҷараёни коркарди декларатсияи бори гумрук, декларатсияи транзит, декларатсияи вуруду хур ҷ, ордери кассавии гумрук, ҳуҷҷати пардохтии бонк ва дигар ҳуҷҷатҳои барои мақсадҳои гумрук зарурӣро бо истифодаи системаи идораи таваккал амал менамояд.

Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона аз 11 зерсистема иборат буда, дар зиёда аз 74 гумруку дидбонгоҳҳои гумрук насб гардидааст.

Дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағгузории Бонки Осиёии Рушд, бо ташаббуси Хадамоти гумрук раванди ҷор намудани низоми Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридот ва транзит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 11 мақомоти ба низом шомилшаванда ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳ ва сертификатҳо ҷиҳати анҷом додани барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар шакли электрон пешниҳод карда мешаванд, ба анҷом расонида шуд.

Баҳри мушаххас кардани теъдоди мақомоти ба низом шомилшаванда, ки танзими ғайритарифии фаъолияти иқтисодии хориҷиро ба зимма доранд, хуҷҷатҳо ва сертификати онҳо барои анҷом додани амалиётҳои воридот, содирот ва транзит заруранд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷор намудани низоми "Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содирот, воридот ва транзит" аз 24 июли соли 2020, №410 қабул карда шуд.

Мутобиқи банди якуми қарори мазкур, аз 1 сентябри соли 2020 низоми "Равзанаи ягона"-и барасмиятдарории амалиёти содирот, воридот ва транзит ҷор гардида, ҳуҷҷатгузории мақомоти давлат ва ташкилотҳо дар самти барасмиятдарории амалиёти содирот, воридот ва транзит

марҳила ба марҳила аз ҳомили қоғаз ба электрон гузаронида шуда истодааст.

Мақсад аз ҷор намудани низоми мазкур аз байн бурдани ҳомили қоғаз дар амалиёти воридот , содирот ва транзит дар кишвар, шаффоф гардонидани танзими ғайритарифии савдои хориҷ , аз байн бурдани монеаҳои маъмур , кам намудани сарфи вақт дар амалиёти барасмиятдарор , ташкил намудани маҳзани маълумот оиди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Ташкилотҳои бонуфузи байналмилал ба мисли Созмони умумиҷаҳонии гумрук, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Маркази байналмилалии тиҷорат ва дигар сохторҳои соҳав , таҷрибаи кишвари моро дар ин ҷода ибратом з арзёб карда, таҳия ва татбиқи чунин низоми мурраккабро барои дигар мамлакатҳои Осиёи Марказ тавсия доданд [1].

Дар доираи Созишнома оид ба ҳамкор байни Хадамоти гумрук ва Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (АВВАТ) ва Иттифоқи байналмилалии нақлиёти автомобил (ИБНА-IRU) аз 24 ноябри соли 2015 бо ҷалби сармояи Барномаи содагардонии расмиёти савдо Системаи китобчаи бақайдгирии боркашонҳои байналмилал (Книжка МДП) сохта ва ба истифода дода шуд.

Системаи мазкур ҳангоми интиқоли воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии давлатҳои аъзои Иттифоқи байналмилалии нақлиёти автомобил бақайд гирифта, маълумоти пешакиро ба давлати таъинот тавассути система ирсол менамояд.

Баъд аз бақайдгир системаи мазкур ба Созмони ИБНА-IRU маълумот ва рақами мушаххас китобчаи бақайдгириро бо таври автомат ирсол менамояд.

Ғайр аз ин, Системаи мазкур бо махзани маълумотҳои Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона ҳамгиро гардида, табодули маълумотҳо байни ҳам ирсол мегарданд. Системаи TIR-EPD аз 2 қисмат иборат буда, қисмати аввал маъмурикунон ва қисмати дуюм барои истифодабаранда ҷиҳати тасдиқи маълумот пешбин шудааст.

Хадамоти гумрук ҷиҳати тезонидани назорат ва барасмиятдарории гумрук , дар доираи лоиҳаи «Як камарбанд ва як роҳ» бо ҷумҳуриҳои Узбекистон, Исломии Эрон ва Халқии Хитой табодули маълумотҳои электрониро дар шакли пилот бо истифода аз системаи навъи eTIR ба роҳ мондааст.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвар бо ташкилотҳои бонк ва амонатию қарз ,

шартномаҳои хизматрасон оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақд бо истифода аз воситаҳои пардохти электрон ба имзо расонида шуда, дар доираи онҳо системаи мониторинги пардохти электронии хизматрасониҳои гумрук таҳия гардид. Ҳамгироии система бо зерсистемаи “Барасмиятдарории гумрук ва назорати гумрук ”-и Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини саривақт ва шаффофияти пардохт намудани боҷҳои гумрук ва андозҳо, аз моҳи феврали соли 2021 дар фаъолияти мақомоти гумрук зерсистемаи пардохти электрон мавриди истифода қарор дода шуд. Зерсистемаи макзур назорати гардиши пардохтҳои гумрукиро сода гардонида, ба воридоти саривақтии онҳо ба буҷети давлат мусоидат намуд. Дар соли 2021, аз ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрук , 97,5 фоизи он тариқи зерсистемаи пардохти электрон ба таври ғайринақд ба буҷети давлат ворид гардид.

Дар солҳои 2022, 2023 ва 2024 бошад, ҳаҷми пардохтҳои гумрук сад фоиз ба таври ғайринақд тариқи зерсистемаи пардохти электрон ба буҷети давлат ворид гардидааст.

Айни замон шахсони ҳуқуқ ва воқе пардохтҳои гумрукиро метавонанд тавассути воситаҳои электронии пардохт , аз қабили кортҳои пардохт , терминалҳои хизматрасон , ҳамёнҳои электрон ва ғайра, амал намоянд.

Инчунин, воридоти маблағи пардохтҳои гумрук ба таври ғайринақд тавассути сомонаи www.gumruk.tj ва epay.dc.tj имконпазир гардонида шудааст.

Рушди босуръати муносибатҳои иқтисод ва тавсеаи гардиши тиҷорати хориҷ миёни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон истифодаи бемаҳдуди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсион , системаҳои нави рақам , инчунин, ҳамоҳангсоз ва стандартикунонии расмиёти маъмуриро дар соҳаҳои танзими давлатии тиҷорати хориҷ тақозо менамоянд.

Бо дарки ин воқеият, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати милл , Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомал Раҳмон дар самти иҷрои Консепсияи иқтисоди рақам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди миёнамуҳлати мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоот дар фаъолияти касб , пайваста тадбирҳои зарур меандешад.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳолати мазкур, дар ҳошияи амалигардонии марҳилаи чоруми лоиҳаи “Беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавии Осиёи Марказ (БРАМОМ-4)”, дар асоси Созишномаи ҳамкор аз 22 июни соли 2022 дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи иттиилоотии коркарди маълумоти гумрукии АСИКУДА-и ҷаҳон аз ҷониби Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба савдо ва рушд амал гардида истодааст.

Системаи иттилоотии мазкур барои содагардонии расмиёти гумрук тавассути татбиқи шакли мукаммали декларатсиякунонии электрон , автоматикунонии расмиётҳои гумрук , ҳосил намудани маълумоти боэътимоди саривақт дар бораи тиҷорати хориҷ ва омори фискал , ки ба ҷараёни банақшагирии иқтисод мусоидат менамоянд, инчунин беҳтар намудани сифати ҷамъоварии пардохтҳои гумрук тавассути таҳкими назорати риояи талаботи қонунгузории гумрук пешбин гардидааст [1].

Ҳадаф аз амалисозии системаи иттилоотии АСИКУДА дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гузариш ба сатҳи сифатан нави маъмурикунонии равандҳои барасмиятдарории гумрук , татбиқи шакли пурраи декларатсиякунонии электрон бо истифода аз имзои электронии рақам , фароҳам овардани имконияти декларатсиякунонии пешакии мол ва ташкили мубодилаи фаврии маълумоти зарур бо вазорату идораҳои давлат ва мақомоти гумруки кишварҳои хориҷ бо назардошти содагардонии расмиёти савдо, кам кардани вақти барасмиятдарории гумрук , ҳамоҳангсоз , шаффофият ва пешг ишавандагии расмиёти гумрук барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷ , инчунин, бештар намудани миқдору сифати ҷамъоварии пардохтҳои гумрук ба Буҷети давлат маҳсуб меёбад.

Бо мақсади расидан ба чорабиниҳо, дар раванди ҷорисозии системаи иттилоотии мазкур таҳлилу ом зиши ҳолати кунунии равандҳои гумрук ва санадҳои меъёрии ҳуқуқ дар соҳаи фаъолияти гумрук ҷиҳати мутобиқгардонии онҳо ба стандартҳои байналмилал ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳон анҷом дода шуда, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба нақша гирифта шудаанд.

Қобили зикр аст, ки шур ъ аз моҳи июли соли 2023 марҳилаи озмоишии системаи иттилоотии мазкур дар мақомоти гумрук оғоз гардида, дар раёсатҳои минтақавии гумрук , гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрук ба таври озмоиш мавриди корбар қарор дошта, тавассути он пешниҳод ва қабули шаклҳои электронии декларатсияҳои мол ва транзит, системаи идораи хавфҳо, ҳисоби худкори пардохтҳои гумрук бо назардошти меъёрҳои амалкунандаи боҷҳои гумрук ва андозҳо анҷом дода шуда,

марҳила ба марҳила густариши озмоиши дигар қисматҳои система дар гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукии ҷумҳур  пешбин  шудааст.

Марҳилаи санҷишии системаи мазкур имконият дод, ки он мушкил ва норасоиҳои техникие, ки дар сиситемаи иттилоотии қаблии мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дида мешуд, бартараф карда шуданд.

Бо мақсади дар реҷаи вақти воқе  ба роҳ мондани мубодилаи маълумоти саҳеҳ ва боэътимод дар бораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷ , қурби расмии асъори хориҷ  ҷиҳати ҳисоб намудани маблағи пардохҳои гумрук , тасдиқи ворид гардидани маблағи пардохтҳои гумрук  ба Буҷети давлат , ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии воридотию содирот ва сертификатҳои мутобиқат, инчунин роҳандозии низоми пардохтҳои электрон  ва содагардонии расмиёти гумрук , ҳамгироии системаи иттилоотии АСИКУДА бо системаҳои иттилоотии мақомоти андоз, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратии кишвар ва системаи иттилоотии “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содирот , воридот  ва транзит ” анҷом дода шуда, иқдомҳо дар самти мукаммалгардонии раванди мазкур идома доранд.

Ҳамзамон, дар доираи амалисозии лоиҳаи мазкур, бо мақсади таъмини огоҳсозии қабл , шаффофият ва дурустии маълумоти гумрукии арзшаванда ва мубодилаи маълумоти гумрукии пешак  бо мақомоти гумруки кишварҳои хориҷ  ва созмонҳои байналмилал , ба роҳ мондани ҳамгироии системаи иттилоотии АСИКУДА бо системаҳои иттилоотии мақомоти гумруки ҷумҳуриҳои Афғонистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия, инчунин Иттиҳоди байналмилалии нақлиёти автомобил  ва Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳаво  пешбин гардида, корҳо дар ин самт шур ъ гардидаанд [4].

Бо амалисозии лоиҳаи мазкур ва татбиқи технологияҳои муосир, маъмуригардон  ва ислоҳоти гумрук  дар фаъолияти мақомоти гумруки кишвар ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, истифода аз системаи иттилоотии коркарди маълумоти гумрукии АСИКУДА-и ҷаҳон  ба содагардонии расмиёти савдо, беҳтар гардидани назорати гумрук  ва сифату миқдори ҷамъоварии пардохтҳои гумрук  ба Буҷети давлат , ба таври назаррас мусоидат хоҳад намуд.

Тадбирҳои андешидаи Хадамоти гумрук ҷиҳати рақамикунонии мақомот тавассути ҷор  намудан ва истифодаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсион , технологияи таҳлилу коркарди маълумотҳо дар шакли электрон , бо низоми ғайринақд  ва электрон  пардохт намудани боҷҳои

гумрукию андозҳо, таъсиси низоми Равзанаи ягона, роҳандозии системаи давлатии муайянсозии воситаҳои мобилии алоқаи барқ , муҷаҳҳазгардонии баъзе аз дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳад бо таҷҳизоти муосир ва азнавсозии дидбонгоҳҳои гумрук ба иҷрои босифат ва барзиёди нақшаи пардохтҳои гумрук мусоидат намуданд.

## Адабиёт


1. Аксенов, И. А. Цифровые технологии в таможенной и околотаможенной деятельности [Электронный ресурс] : учеб. пособие / И. А. Аксенов ; Владим. гос. ун-т им. А. Г. и Н. Г. Столетовых. – Владимир : Изд-во ВлГУ,2022. – 363 с.
2. Нидоев Н.Ф., Навр зов Р.П., Файёзов Ҷ.Б. Танзими давлатии фаъолияти гумрук . Комплекси таълим - метод - Душанбе: «Ирфон», 2018. - 315 - саҳ.
3. Гончаров, С. В. Перспективы развития и проблемы электронного декларирования и технологии удаленного выпуска товаров [Текст] / С.В. Гончаров // Известия Санкт – Петербургского государственного экономического университета. – 2016 – № 6 (84). – С. 71 – 73
4. Диброва, М. С. Декларирование товаров на основе информационных технологий: проблемы и пути их решения [Текст] / М.С. Диброва // Научный журнал ДИСКУРС. – 2017 – № 1 (3). – С. 228 – 235
5. Китоби рӯйимизии гумрукчиён.-Душанбе: КВД «Матбаа» - и Хадамоти гумрук, 2015. - 550с.
6. Максимова Н. Е. Проблемные аспекты административно- правового регулирования таможенного декларирования в электронной форме// Вестник Российской таможенной академии. — 2014. - № 2


# ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО ПРОВЕДЕНИЮ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ ЗА ВЗИМАНИЕМ ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ


**Хикматов С.И.**-к.э.н., доцент, **Ашурова М.Т.**
старший преподаватель кафедры таможенное дело Таджикского государственного университета коммерции



*В статье рассмотрены вопросы изучения зарубежного опыта таможенного контроля за взиманием таможенных платежей.*



***Ключевые слова:*** *электронное правительство, зарубежный опыт, таможенный контроль, таможенные платежи,*


В условиях создания Электронного правительства, существенной тенденцией предоставления различных услуг, в том числе таможенных услуг является введение электронных методов предоставления этих услуг и совершения процедур с использованием удаленных информационных баз

данных. что существенно упрощает и ускоряет процесс предоставления таможенной услуги как для таможенного и околотаможенного институтов, так и для лица-заказчика этой услуги и оказания таможенного контроля, особенно за применением таможенных платежей для пополнения доходной части государственного бюджета.

Более 160 стран мира в системе мер государственного управления активно реализуют национальные информационные стратегии, включающие развитие электронного правительства, которое призвано упростить систему предоставления государственных, в частности, таможенных услуг. однако, анализируя опыт создания электронной системы управления государства, следует отметить наличие существенных фундаментальных проблем, тормозящих реализацию концепции электронного правительства и наиболее значимая проблема – отсутствие мотивации у граждан и властных структур к инновационным нововведениям, низкая компьютерная грамотность населения, недоступность услуг ускоренного интернета для значительной части населения, нерегулярное финансирование и т.д. специфика трансформационных процессов для государств постсоветского пространства в том, что произошло наложение трансформационных процессов информационно-технологической среды на трансформационные процессы социально- экономической системы в целом.

Для населения это означает необходимость одновременной двойной адаптации: к новым социально-экономическим реалиям и к новым требованиям информационной среды. Данная специфика и проблемы должны учитываться при разработке и реализации концепции электронной системы предоставления таможенных услуг в рамках электронного правительства.

Реализация этой концепции обозначает новый способ организации и развития системы таможенного администрирования в сервисном режиме, способ его трансформации и совершенствования для ориентации на принципиально более тесную связь с гражданами-заказчиками услуг, кардинального улучшения показателей получения конкретных полезных результатов деятельности, большей эффективности деятельности и ответственности государственных органов за предоставление услуг.

Первоначально процесс развития системы электронного предоставления услуг как информатизации органов власти начался с использования компьютеров для автоматизации внутренних процедур таможенной администрации, ведения делопроизводства и управления кадрами, решения задач бухгалтерского учета, что привело к созданию информационных систем обработки данных.

Второй этап характеризовался дальнейшей информатизацией внутренних процедур и созданием систем информационного взаимодействия между органами государственной власти. на третьем этапе происходит интеграция всех основных информационных систем и ресурсов органов государственной власти, что позволяет на этой базе организовать эффективное сетевое взаимодействие с внешней средой, включая граждан и организацией таможенного института. Именно с переходом от внутренней информатизации ведомств и информатизации процессов взаимодействия между государственными структурами к электронному сетевому информационному взаимодействию с гражданами и организациями появляется понятие «электронного правительства» и «электронного метода предоставления услуги».

Таким образом, информатизация и дебюрократизация означают переход от концепции классической «идеальной бюрократии», опирающейся на иерархичность и закрытость системы управления, к новой информационной парадигме, основанной на открытых сетевых структурах и управлении по результатам. в этой связи, как показывает практика в странах снГ, основные сложности с введением электронных таможенных услуг связаны с неприятием консервативной части таможенного аппарата установления контроля над их деятельностью, что актуализирует задачи преодоления бюрократической ментальности, корпоративных интересов бюрократии и подготовки управленцев нового типа. Государственное управление имеет свою специфику, которая может быть отражена разграничением характеристик регулирования экономической и других видов деятельности по признаку деления исторической эпохи на индустриальный и информационный периоды (таблица 1).

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон миёни кишварҳои ИДМ неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза ва арзон истеҳсол мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи нақлиёти барқӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳар ҷиҳат мувофиқу самараноктар аст. Махсусан дар замони болоравии арзиши сӯзишворӣ, ки дар як соли охир таъсири бади худро ба тамоми самту соҳаҳо расонидааст. Истифодаи нақлиёти барқӣ на танҳо аз лиҳози иқтисодӣ фоидаовар аст, балки аз лиҳози экологӣ низ хеле муфид буда, вобастагии мамлакатро аз як қатор маҳсулоти воридотӣ коҳиш медиҳад.

## Адабиёт

1. Павлова Е.И. Экология транспорта: учебник для вузов. - М.: Транспорт, 2000. -248 с.

2. Коврига, Е.В. Нормативы по защите окружающей среды: Учебное пособие / Е.В. Коврига, Л.А. Горовенко. - Армавир: РИОА ГПУ, 2017. - 124.
3. Коврига, Е.В. Автомобильные эксплуатационные материалы: учебное пособие / Е В. Коврига, О.А. Сумская. - Армавир: РИО АГПУ, 2017. - 11б.
4. ЭКО Моторс альтернативный транспорт и энергетика. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ecomotors.ru/index.php?blog_id=4б&ukey=news
5. Брызгалова Д.А., Королев В.В., Филатов А.А. Система электроснабжения электромобиля. // Материалы международной научно-технической конференции ААИ «Автомобиле- и тракторостроение в России: приоритеты развития и подготовка кадров», посвященной 145-летиюМГТУ «МАМИ». - М.: Изд-во МАМИ, 2010. - С. 36-44.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ЛОГИСТИКАИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Назарбекова Нурия Амзалиевна**- муаллими калони кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

*Дар мақола роҳҳои ташаккулдиҳии логистикаи гумрукӣ ва аҳамияти он дар ташкили фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, муайян кардани хусусият ва роҳҳои мукаммалгардонии раванди идоракунии ҷараёни логистикӣ дар мақомоти гумрукӣ ва хизматрасониҳои гумрукӣ дар марҳилаи рушди иқтисоди замони муосир дида баромада шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *логистикаи гумрукӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, молҳои содиротӣ-воридотӣ, амалиётҳои гумрукӣ.*

Истифодаи роҳҳои логистик ҳангоми идоракунии молҳои содирот - воридот махсусан дар марҳилаи рушди ҳозираи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Ин бо суръатбахш ва робитаҳои васеъи иқтисодии хориҷии давлат, бо афзоиши мунтазами робитаҳои горизонтал дар байни субъектҳои хоҷагидории кишварҳои шарик вобастаг дорад. Барои беҳтар кардани ҳамкориҳои онҳо дар заминаи васеъи хоҷагидории мустақилона, ташаббуси сохторҳои миёнарав ва корхонаҳои нақлиёт , мукаммалгардонии муносибатҳои шартномавии онҳо ва ҳавасмандгардонии иқтисодии тарафайн имкониятҳо зиёд гардиданд.

Ҷаҳонишавии фаъол ва либерализатсияи тиҷорати ҷаҳон барои ташаккули низоми муташаккили мутаносиби ҳамкории ҳама иштирокчиёни

фаъолияти иқтисодии хориҷ дар раванди барасмиятдарории гумрук ва назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт замина фароҳам меорад.[2]

Логистикаи гумрук – ин низоми чораҳое мебошад, ки ба самти ҳал кардани вазифае, ки бо ташкили интиқоли молҳо аз сарҳад ва бо кам кардани хароҷот барои ин амалиётҳо фаҳмида мешавад.

Логистикаи гумрук соҳаи навтарини истифодашудаи логистика мебошад, ки ду самти гуногун, вале ба ҳам алоқаманди фаъолияти гумрук ва хизматрасониҳои логистикии гумрукро мепайвандад.

Ба логистикаи гумрук дар замони муосир ташкилотҳои бонуфузи байналмилал , аз ҷумла СММ ва Созмони уиуиҷаҳонии савдо диққати ҷидд медиҳанд. Соддагардонии расмиёти савдо ва хизматрасонии нақлиёт барои рақобатнокии давлатҳо ва потенсиали онҳо дар доираи рушд аҳамияти калон дорад.

Кори назарраси тадқиқот , таҳлил , машварат , инчунин ёрии техникии давлатҳои тараққикарда аз р и соддагардонии расмиёти савдо Комиссияи Европоии Иқтисодии СММ (ЕЭК ООн) ва Конференсияи СММ оид ба савдо ва рушд анҷом медиҳад. Ҳангоми гузаронидани ташкилоти иқтисодии ҳамкор ва рушди тадқиқот(ОЭСР) соддагардонии расмиёти савдо манфиатнок мебошад, чунки аз содагардонии расмиёти савдо аз 0,04% то 2,3 % маҷм и молҳои дохил бурд карда, дар савдо хароҷотҳо то 0,2%-10% кам мешаванд.

Фаъолияти логистик принсипҳои идоракунии ҳамаҷонибаи раванди тиҷорати хориҷиро дар савдои ҷаҳон муайян менамояд, дар ҳолате, ки гумрук дар назди худ мақсади таъмини амнияти иқтисодии давлатро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳон гузорад.

Функсияҳои логистика: фавр ва координатсион (мутобиқат).

Функсияҳои логистикаи фавр бо идоракунии бевоситаи ҳаракати ҷараёни моддии молҳо дар соҳаи таъминкун , истеҳсолот ва тақсимот алоқаманд мебошанд.[3]

Координатсион ин нишон додан ва таҳлили талабот дар захираҳои модд , таҳлили бозор, коркарди маълумотҳое, ки ба фармоишҳои додашудаи дахл доранд, мебошад.

Мақсади асосии логистикаи гумрук ҳал кардани вазифаҳое, ки ба самти равандҳои содирот ва воридоти молҳои гуногуни оптимал хизматрасон , инчунин кам кардани хароҷотҳо мебошад.

Вазифаҳое, ки масъалаҳои логистикиро ҳал мекунанд:

1. интихоби намуди воситаи нақлиёт;
2. муайян кардани хатсайр;

3. ташкилоти боркашон ;
4. борпечкунии молҳо дар контейнерҳо;
5. идоракунии захираҳо;
6. маъсулиятнокии нигоҳдории мол дар анборҳо;
7. тамғагузор ;
8. ташкил додани маҷм и фармоишҳои гунугун;
9. хизматрасониҳои гумрук .

Логистика дар доираи танзими гумрук ва барасмиятдарории гумрук хизматрасониҳои зеринро дар бар мегирад:

1. суғурта кардани мол;
2. баҳодиҳии эксперт ва барасмиятдарории деклатарсия;
3. барасмиятдарории гумрук ;
4. пардохти барасмиятдарор ;
5. сертификаткунон ва литсензиякунон ;
6. ташкили нигоҳдории муваққат ;
7. машварат оид ба ҳамаи саволҳо, ки бо логистикаи гумрук алоқаманд, қонунгузории милл ва байналмилал ;
8. дигар хизматрасониҳое, ки бо интиқоли байналмилал алоқаманд мебошанд.

Логистикаи гумрук дар доираи объекти худ дорои амалиётҳои савдои хориҷ (мол , иттилоот , молияв , хизматрасон ), ки ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрук ва ҷалб кардани онҳо дар гардиши иқтисод мебошад, фаҳмида мешавад.

Дар айни замон, сарфаи вақт ҳангоми интиқоли ҷараёни иттилоот мутаносиб мебошад, аммо дар аксарияти ҳолатҳо барои интиқол аз сарҳад вақти зиёд сарф мешавад.

Тақсимоти роҳҳои логистик дар логистикаи гумрук пайдо кардани модели идоракунии амалиётҳои савдои хориҷ , ки ҳангоми маҷм и хароҷотҳои иштирокчиёни занҷираи логистик ҳангоми риояи меъёри талаботҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисоди беруна минимал мебошад.

Ом зиши логистикаи гумрук барои банақшагир ва ташкили ҳаракати селаи молҳои содирот -воридот бо назардошти талабот ва истифодаи имкониятҳои қонунгузории гумрук равона шудааст.

Идоракунии ҷараёнҳои расмиёти логистикаи байналмилал бо маҷм и омилҳои зерини ба ҳам алоқаманд муайян карда мешавад:

1. хусусияти селаи молҳои содирот -воридот ;
2. расмиёти гумрукие, ки дар истифодаи мол бештар мувофиқи мақсад аст;

3. тарифи гумрук ;
4. чораҳои иқтисод ва ғайри иқтисод .

Аз ин р , роҳҳои логистик ба идоракунии селаи молҳои содирот - воридот аз усули анъанав комилан фарқ мекунад, зеро низоми ташкил ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар раванди иҷроиши расмиёти гумрук барои ба даст овардани маҷм и самараи максимал таъсир мерасонад.

Аён аст, ки хусусиятҳои занҷири логистикаи байналмилал аз он иборат аст, ки на ҳама аз иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷ вобаста аст, вале баъзе амалиётҳои муайяни муҳимро мақомоти гумрук анҷом медиҳанд, ки мақсадҳои онҳо метавонанд мувофиқ ё муқобили мақсадҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷ бошанд.[1]

Аз ин р , моҳияти роҳҳои логистик ба идоракунии равандҳои ҷараёни савдои хориҷ инчунин ч гуна метавонд ташкил кардани низомҳоро муайян кунад, ки принсипи кор кардани вақти муносиб ва хароҷотҳои молияв барои иҷроиши расмиёт, ки бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрук алоқаманд мебошад ва ҷалб кардани онҳо дар гардиши иқтисод ба манфиати ҳамаи иштирокчиёни амалиёти иқтисодии хориҷ мебошад.

Моҳияти гардиши мол дар якҷояг аз маҷм и равандҳои физик ва иқтисод иборат аст. Ҳаракати ҷисмон аз пешрафти ҳудудии он аз як нуқтаи ҷуғроф ба с и дигар иборат аст.

Асоси функсияи логистикии фаъолияти гумрук - ин ташкили раванди коркарди гумрукии молҳо мебошад, ки татбиқи расмиёти гумрукии бо ҳаракати физик ва иқтисодии савдои хориҷ аз сарҳади гумрук алоқаманд аст, дар бар мегирад.

Логистика бояд ҳамоҳангии ҷараёни модд (мол ), иттилоот ва молиявии фаъолияти гумрукиро таъмин намояд, технологияи оптималии интиқоли молро аз сарҳади гумрук барои суръат бахшидан ба ин раванд, инчунин таҳияи талаботҳои стандартикунонии логистикиро ҳам нисбат ба расмиёти гумрук ва ҳам иштирокчиёни тиҷорати хориҷ таъмин намояд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми амалиётҳои гумрук мавҷуд аст, ки зери он фаъолияти алоҳида, шахсони иҷрокунанда (иштикокчиёни ФИБ, интиқолдиҳанда, намояндаи гумрук , соҳибони анбоҳои гумрук ) ва мақомоти гумрук дар мувофиқа бо қонунгузор ҳангоми интиқоли молҳо аз сарҳади гумрук , барасмиятдарории гумрук ва назорати гумрук фаҳмида мешавад.

Ба амалиётҳои логистикии содирот -воридот дохил мешаванд:

1. интиқоли содирот ва воридоти молҳо,
2. интиқоли молҳо зери назорати нумрук ,
3. борфурор ,
4. борбарор ,
5. баркаш ,
6. ҳаммонанкунии молҳо,
7. гирифтани чошн ва намуна,
8. огоҳ кардани мақомоти гумрук,
9. ҳисоб кардани пардохтҳои гумрук ва пардохтани онҳо,
10. чойгиркунии молҳо зери расмиёти гумрук ,
11. декралатсиякунонии гумрук ва ғайра.

Барои анҷом додани баъзе амалиётҳои гумрук иҷозати мақомоти гумрук гирифта мешавад.

Барои иштирокчиёни ФИБ принсипҳои асосии идоракунии шартномаи байналмилмилал ба ҳисоб мераванд:

- низомнок - ташкили ҷараёнҳо, ки онҳо ҳангоми дар занҷираҳои оптималии логистик ҷамъ карда шудаанд, ки аз звеноҳои алоҳида бо ҳисоби интиқоли молҳо аз сарҳади гумрук иборат мебошанд;
- конструктив (сохт) – моделкунонии пешакии (тарҳсоз , сохт) занҷираи логистик ва низом бо мақсади таъмини интихоби варианти оптимал ;
- вариатнок – таъмини варианти алтернатив ва имконияти ивазкуниизанҷираи молрасон , инчунин истифодабарии расмиётҳои гумрук ;
- эътимоднок – беист кор кардани зернизоми техник -технолог ва ташкил -иқтисод .

Вазифаи асосии агенти логистик – банақшагрии сохти давраи функсионал , ки имконият медиҳад вазифаҳои логистик ч қадар тезтар, аммо асосан баробар иҷро шаванд ё пайдарҳам ва босуръат давраи хизматрасонии фармоиширо таъмин намояд.

Намояндаи гумрук – ташкилот аз р и интихоби нуқтаи барасмиятдарории гумрук , ҷамъкун ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳо, пешак декларатсиякунонии молҳо то ба нуқтаи назорати гумруки расидани онҳо, ҳамкор бо мақомоти гумрук дар раванди барасмиятдарории молҳо мебошад[4].

Дар бисёр ҳолатҳо аз р и содагардонии расмиёти савдо ба самаранокии он таъсир мерасонанд:

1. ҳолати иқтисодии ҳар як шарҳрванди мамлакат;
2. манбаи санадҳои меъёр -ҳуқуқ ;

3. инфрасохтор ва истифодабарии технологияи иттилоот .

Ба рушди логистикаи гумрук омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. рушди иқтисоди ҷаҳон ва афзоиши мубодилаи савдои хориҷ байни давлатҳо;
2. баландравии нақши рушди илм -техник ;
3. васеъшавии равандҳои якҷояшав ва минтақав ;
4. зиёдшавии нақши ташкилотҳои байналмила ;
5. гузаронидани иқтисоди озод дар давлатҳо.

Ширкатҳое, ки логистикаи гумрукиро истифода мебаранд, бояд хусусиятҳои сиёсати миллии савдои хориҷии кишварҳо ва хусусиятҳои сиёсати тиҷорати байналмилалии онҳоро ба назар гиранд.

Дар маҷмӯ амали намудани роҳҳои ташаккули логистикаи гумрукӣ дар шароити муосир имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои гумрукӣ дар сатҳи нав ба муштариён бо истифодаи рақамикунонӣ пешниҳод карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Альбеков А.У, Гамидуллаев С.Н., Парфенов А.В. Таможенная логистика: учеб. пособие. -СПб.: Троицкий мост, 2013. -175 с.
2. Барамзин С.В. Управление качеством логистических процессов //Вестник Российской таможенной академии. 2008. № 2. -С. 45-52.
3. Берёзкина Н.Н. Применение методов и моделей прикладной логистики к выполнению таможенных операций // Вестник ИНЖЭКОНа. Серия: Экономика. 2013. № 7 (66). -С. 124-126.
4. Гриненко Г.П. Экономические аспекты таможенной логистики // Наукоёмкие технологии и инновации: юбилейная Международная научно-практическая конференция, посвящённая 60-летию БГТУ им. В.Г. Шухова (XXI научные чтения). г. Белгород, 9-10 октября 2014 г. -Белгород, Белгородский государственный технологический университет им. В.Г. Шухова, 2014. -С. 117-121.


## НАҚШИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Абдураҳмон Ҳакимзода-** н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон



*Дар мақола масъалаи нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф қайд намудааст, ки ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ такони ҷиддӣ бахшида, барои ҷалби сармояи*

*ватанию хориҷӣ, ворид намудани техника ва технологияи инноватсионӣ барои рушди истеҳсолоти рақобатпазири муосир, тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои сусттараққӣ, омода намудани мутахассисони миллии коргарӣ, дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷменти кадрӣ ва дастрасӣ ба комёбиҳои илмию техникии ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *соҳибкорӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, саноат, саноатикунонӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бозори истеъмолӣ, истеҳсолоти ватанӣ.*

Дар шароити муносибатҳои бозор  ва расидан ба рушди устувори иқтисодии кишвар, ташаккули шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкор  омили муҳимми рушди соҳа гардида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин мекунад. Чуноне, ки аз таҷрибаи ҷаҳон  бар меояд, омили муҳимми ташаккули муносибатҳои бозор , таъмини суръати баланди рушди иқтисод  ва бахши хусус  мебошад.

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисоди милл  асосан ба рушди соҳибкории истеҳсол , ҳамчунин аз минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии калон дорад. Ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисод  (МОИ) ба соҳибкории истеҳсол  такони ҷидд  бахшида, барои таъсиси ҷойҳои нави кор , беҳтар гардонидани нек аҳволии мардум, ған  гардонидани бозори истеъмол  бо маҳсулоти хушсифати ватан  мусоидат менамояд.

Минтақаҳои озоди иқтисод  барои ҷалби сармояи ватанию хориҷ , ворид намудани техника ва технологияи инноватсион  барои рушди истеҳсолоти рақобатпазири муосир, тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои сусттарақҷ , омода намудани мутахассисони миллии коргар , дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷменти кадр  ва дастрас  ба комёбиҳои илмию техникии ҷаҳон  шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) дар самти рушди минтақаҳои озоди иқтисод  чунин омадааст: "Ба равандҳои ҳамгироии корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт дар асоси фароҳам овардани шароитҳо барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ дар соҳаи технологияҳои баланд тавассути ташкили корхонаҳои муштарак, паркҳои истеҳсол  ва вусъат додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисод  бояд мусоидат намуд" [7].

Ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодии хориҷ  тақозо мекунад, ки ҳамаи воситаҳои бозор , аз ҷумла имкониятҳое, ки аз таъсисдиҳ  ва фаъолияти МОИ бармеояд, самаранок истифода шаванд. Минтақаҳои озоди иқтисод  дар ташаккули муносибатҳои иқтисод  ва рушди кишварҳои ҷаҳон нақши

намоёнро соҳиб шуда истодаанд. Онҳо метавонанд барои корхонаҳо шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷ фароҳам оварда, ҷор намудани технологияҳои пешқадамро таъмин намоянд.

Айни замон, дар 140 мамлакати ҷаҳон зиёда аз 4500 МОИ мавҷуд аст, ки наздики 70 млн. нафарро ба кор фаро гирифтааст. Дар соли 2020 ба минтақаҳои озоди иқтисод аз 20 то 25% - и гардиши моли ҷаҳон рост омадааст [1].

МОИ гарчанде, ки сохтори қадимаи хоҷагидор ба ҳисоб меравaнд, аммо мафҳум ва моҳияти онҳо солҳои охир ба миён омад. Зиёда аз 20 намудҳои асосии мафҳуми МОИ вуҷуд дорад. Ҳамаи онҳо ба қисми маҳдуди ҳудуди миллии давлат , ки дар он шартҳои махсуси имтиёзноки иқтисод (имтиёзҳои гумрук , андоз , раводид, реҷаи меҳнат ва ғайра) барои корхонаҳои хориҷ ва милл амал мекунад ва барои рушди саноат ва маблағгузории сармояи хориҷ шароит фароҳам меоварад [3]. Аммо, мафҳуми пуррае, ки мазмуну мундариҷаи МОИ - ро инъикос кунад, ҳан з вуҷуд надорад. Вожаҳои зиёд набудани таснифоти умумиқабулкардашудаи МОИ - ро мефаҳмонад.

Минтақаҳои озоди иқтисод қисми ҳудуди мамлакат мебошанд, ки дар он молҳо ҳамчун объектҳое, ки берун аз ҳудуди қаламрави миллии гумрук ҷойгир шудаанд, аз ин р назорати муқаррарии гумрук ва андозбанд карда намешаванд [5].

Минтақаи озоди иқтисод – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкор ва сармоягузор шароити имтиёзноки иқтисод ва низоми махсуси ҳуқуқ муҳайё карда шудааст [6].

Минтақаҳои озоди иқтисод ҳудуди махсуси аниқ муқарраргардидаи давлат буда, дар онҳо имтиёзҳои иқтисод ва андоз барои соҳибкорон бо мақсади рушди иҷтимо , иқтисод ва илмию техникии минтақа ва кишвар фароҳам оварда шудааст [2].

Бо мақсади рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодии зерин: *“Суғд”, “Данғара”, “Панҷ”, “Ишкошим” ва “Кӯлоб”* таъсис дода шуда, айни замон қисман ба фаъолияти истеҳсолию тиҷорат ва хизматрасон *машғул мебошанд.*

Бояд қайд қайд кард, ки яке аз ҳадафҳои асосии таъсис ва рушди МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди саноат ва таъмини бозори истеъмол бо маҳсулоти хушсифати ватан мебошад.

Айни замон фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ дар кишвар коф набошанд ҳам, вале саҳми онҳо дар таъмини бозори истеъмол бо маҳсулоти хушсифати ватан дида мешавад. Аз панҷ минтақаи озоди иқтисодие, ки айни замон дар ҷумҳур фаъолият мебаранд, истеҳсолот танҳо МОИ-и “Суғд”, “Данғара” ва “Панҷ” нисбатан дар сатҳи миёна ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ба 485 млн. сомон баробар гардид, ки назар ба соли 2018-ум 3,2 маротиба зиёд мебошад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1- Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 - 2022, (млн. сомонӣ)**

| | Солҳо | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | 141,7 | 198, 5 | 199,9 | 366,5 | 485 | 3,2 |

Аз шумораи умумии онҳо истеҳсоли маҳсулоти саноат дар МОИ-и “Суғд” дар соли 2022-ум 408,5 млн. сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2018-ум 3,5 маротиба зиёд мебошад. Дар МОИ-и “Данғара” истеҳсоли маҳсулоти саноат дар соли 2022-ум 71,7 млн. сомониро ташкил дода, назар ба соли 2018-ум 2,8 маротиба афзудааст. Дар МОИ-и “Панҷ” дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноат ба 4,7 млн. сомон баробар гардид, ки назар ба соли 2018-ум 15, 7 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар МОИ-и “К лоб” истеҳсоли маҳсулоти санот дар соли 2022-юм 29,5 ҳаз.сомониро ташкил дод.

Дар МОИ-и “Ишкошим” то соли 2022 ҳамаг 5 субъект ба қайд гирифта шуда, корҳои сохтмон ба маблағи 1441,0 ҳаз. сомон амал шуда, фаъолияти истеҳсол ба нақша гирифта нашудааст. Мутаассифона, дар МОИ-и “Ишкошим” то ҳол субъектҳои бақайдгирифташуда ба фаъолияти истеҳсол оғоз накардаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 2022 саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷм и маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,42% ва дар маҷм и истеҳсоли маҳсулоти саноат 1,1%-ро ташкил намуд.

**Ҷадвали 2- Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 – 2022, (млн. сомонӣ)**

| Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Солҳо | | | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| | МОИ “Суғд” | 116,1 | 163,3 | 165,3 | 295,4 | 408,5 | 3,5 |
| | МОИ “Данғара” | 25,3 | 34,3 | 34,5 | 71,1 | 71,7 | 2,8 |
| | МОИ “Панҷ” | 0,3 | 0,9 | 0,05 | - | 4,7 | 15,7 |
| | МОИ “К лоб” | - | - | - | - | 0,03 | - |
| | МОИ “Ишкошим” | - | - | - | - | - | - |
| | **Ҳамагӣ** | **141,7** | **198,5** | **199,9** | **366,5** | **485** | **3,2** |

Фаъолияти истеҳсолии МОИ-и “Суғд” назар ба дигар минтақаҳо назаррас буда, айни замон номг  маҳсулоти саноатии заруриро дар бар мегирад. Вале, дар минтақа истеҳсоли на ҳама номг  и маҳсулоти саноат , ки мувофиқи низомномаи он муайян гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло дар МОИ - и “Суғд” маҳсулот ба монанди гелио коллекторҳои офтоб , қубурҳои пластик , ноқилҳои барқ , рангҳои беруни девор ва колерҳо, профилҳои пластик  барои дару тиреза, қуттиҳои пластмас  барои нигоҳ доштани меваҳои тару тоза, маҳсулоти г шт  ва ғайраҳо истеҳсол карда мешаванд. Дар соли 2022 дар МОИ-и “Суғд” 15 корхонаи саноат  фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат  408464,6 ҳаз. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2021-ум 38,1% зиёд мебошад. Аз он ҷумла, корхонаҳои саноатии ҶММ “Реал” ба маблағи 23037,8 ҳаз. сомон , ҶММ “Равзана Пластик” – 1238,3 ҳаз. сомон , ҶММ КМ “Силкоат Бойя” – 12083,7 ҳаз. сомон , ҶММ КМ “Стар Пласт” – 4923,6 ҳаз. сомон , ҶММ КМ ТТ “Таҷпроф” - 259538,3 ҳаз. сомон , ҶММ “Фартуна Ко” – 7401,2 ҳаз. сомон , ҶММ “Тоҷикполиэтилен” – 1309,7 ҳаз. сомон , ҶММ КМ ТТ “Афранг пластик” – 39792,3 ҳаз. сомон , ҶММ “Ариана метал пласт” – 22031,0 ҳаз. сомон , ҶДММ “Донаи алмос” – 8018,5 ҳаз. сомон , ҶДММ “Суғдиён агро” – 1340,0 ҳаз. сомон , ҶДММ “Азияполитекс” – 470, 0 ҳаз. сомон , ҶДММ “Покзарф” – 74,7 ҳаз. сомон , ҶММ “Ҷаҳони нав” – 22,1 ҳаз. сомон  маҳсулот истеҳсол намудаанд [4].

Ҳамин тариқ, айни замон фаъолияти соҳибкории истеҳсол  дар МОИ “Суғд” нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар рушдёфта ваояндадор ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 3-Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи иқтисодии “Суғд” дар солҳои 2018 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**

| | Субъектҳо | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳазор сомонӣ | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Солҳо | | | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Минтақаи озоди "Суғд" | ҶММ «Реал» | 4942,1 | 9651,1 | 10154,4 | 14513,8 | 23037,8 | 4, 6 |
| | ҶММ «Равзана Пласт» | 874,5 | 1513,9 | 1193,0 | 891,0 | 1238,3 | 1,4 |
| | ҶММ «Фортуна Ко» | 3340,2 | 6875,6 | 5534,6 | 6417,9 | 7401,2 | 2, 2 |
| | ҶММ КМ «Силкоат Бойя» | 9785,8 | 10799,0 | 7755,2 | 8654,7 | 12083,7 | 1,2 |
| | ҶММ КМ «Стар Пласт | 11968,3 | 14823,4 | 7918,6 | 6594,0 | 4923,6 | 0, 4 |
| | ҶММ КМ ТТ «Таҷпроф» | 45896,8 | 90790,2 | 94105,1 | 197182,9 | 259538,3 | 5,6 |

Яке аз ҳадафҳои муҳими ташкили МОИ-и "Панҷ" ташкили истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатпазири содирот , ташкили ҷойҳои иловагии кор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳол ба шумор меравад. Дар шароити муосири Ҷумуҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди МОИ-и "Панҷ" саривақт буда, ба рушди иқтисодиёти минтақа ва кишвар мусоидат хоҳад кард.

**Ҷадвали 4-Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ" дар солҳои 2018 - 2022, (ҳаз. сомонӣ)**

| | Солҳо | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | 293 | 886,7 | 48,0 | _ | 4679,7 | 16 |

Айни замон дар МОИ-и "Панҷ" 11 корхона ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 4 - корхонаи ватан , 3 - хориҷ ва 4 - муштарак мебошанд. Аз шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда дар соли 2022 дар минтақаи мазкур 3 – корхонаи саноат ба фаъолияти истеҳсол машғул шуда, ба маблағи 4679,7 ҳаз. сомон маҳсулот истеҳсол намудаанд.

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур ҶДММ "Технологияҳои офтоб " – 492,3 ҳазор сомон , ҶДММ Тоҷикистон Тахор пластик" – 182,9 ҳаз. сомон ва ҶСП "Фон дарё" – 4004,5 ҳаз. сомон маҳсулоти саноат истеҳсол

намудаанд. Корҳои сохтмон  ба маблағи 1500,0 ҳаз. сомон  иҷро карда шудааст [4].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат  дар минтақаи мазкур сол аз сол беҳтар гардида истодааст, вале ин нишондиҳандаҳо ҳан  з ҳам қаноаткунанда нестанд.

Дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноат  ба 4679,7 ҳаз. сомон  баробар гардид, ки назар ба соли 2018 – ум 16 маротиба афзоиш ёфтааст.

Бояд қайд карад, ки дар соли 2022 дар МОИ-и “Панҷ” шумораи умумии кормандони он 34 нафарро ташкил намуд, ки назар ба МОИ-и “Суғд” ва “Данғара” ин нишондиҳанда хеле кам мебошад.

Дар рушди МОИ-и “Панҷ” бешубҳа таъсири аз ҳама бештарро вазъияти ҷамъиятию сиёс  дар мамлакати ҳамсоя - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дорад. Вазъи ноором дар мамлакати ҳамсоя ба фазои маблағгузории минтақа таъсири нисбатан манф  мерасонад. Мутаассифона, вазъи сиёс  дар мамлакати ҳамсоя мавқеи МОИ-и “Панҷ” – ро ҳамчун объеки ғайри таваҷҷ  ҳ дар назари сармоягузорони имконпазири хориҷ  нигоҳ медорад.

Дар МОИ-и “Данғара” бештар коркард ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварз  ба нақша гирифта шудааст, ки имкониятҳои минтақаи мазкур хеле зиёданд. Махсусан коркард ва истеҳсоли пахта, ресмонҳои д  зандаг  , коркарди п  сти чорво ва ғайра ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар корхонаҳои МОИ-и “Данғара” истеҳсоли маҳсулоти саноат  ба монанди: коркард ва истеҳсоли қум ва сангу шағал, маводҳои шустуш  , коркард ва истеҳсоли хишт, коркарди меваи хушк, қубурҳои пластик  , истеҳсоли таҷҳизоти барқ  **,** бандубасти меваҳои хушк ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Айни замон, дар ҳудуди минтақа ҶДММ “МИСР-2001” ба истеҳсоли шағал ва реги сохтмон  , ҶДММ “Тоҷи Осиё” ба истеҳсоли маводҳои шустуш  , ҶДММ “Грин голд” ба коркарди маҳсулоти донаг  , ҶДММ “Космос” ба воридот ва фур  ши техникаҳои калонҳаҷми сохтмон  , ҶДММ “Ауфен” ба истеҳсоли конструкторҳои металл  машғуланд *[4].*

Дар соли 2022 дар МОИ-и “Данғара” 11 корхонаи саноат  фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат  71742,8 ҳаз. сомониро ташкил дод, аз ҷумла ҶДММ “Тоҷпласт – 1” ба маблағи 10846,0 ҳаз. сомон  , ҶДММ “Миср – 2001” 235,6 ҳаз. сомон  , ҶДММ “Детйен Бетон” 3757,1 ҳаз. сомон  , ҶДММ “Ауфен” 53585,0 ҳаз. сомон  , ҶДММ “Ғаюр саноат” 1495,9 ҳаз. сомон  , ҶДММ “Пиштоз Посоргод Тоҷикистон” 342,1 ҳаз. сомон  , ҶДММ

“Техно полоиш” 900,6 ҳаз. сомон ва ҶДММ “Грин – голд” 2,0 ҳаз. сомон маҳсулот истеҳсол намудаанд.

**Ҷадвали 5-Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ - и “Данғара” дар солҳои 2018 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**

| | Корхонаҳо | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳаз. сомонӣ | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Солҳо | | | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| МОИ “Данғара” | ҶДММ “Грин - Голд” | 1953,6 | 1745,0 | 522,0 | 2630,0 | 2,0 | - |
| | ҶДММ “Ауфен” | 2147,0 | 17536,0 | 19888,0 | 44026,0 | 53585,0 | 25 |
| | ҶДММ “Миср – 2001” | 275,0 | 335,0 | 228,2 | 229,3 | 235,6 | 0,8 |
| | ҶДММ “Детйен Бетон” | 1726,2 | 3071,2 | 1757,0 | 3416,8 | 3757,1 | 2,1 |
| | ҶДММ “Тоҷпласт – 1” | 6561,7 | 9520,0 | 10229,0 | 19070,0 | 10846,0 | 1,6 |
| | **Ҳамагӣ** | **12663,5** | **32207,2** | **32654,2** | **69372,1** | **68425,7** | **5,4** |

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмон ба маблағи 19520,5 ҳаз. сомон иҷро гардида, аз ҳисоби ҶДММ “Ганҷ технолож ” ба маблағи 1450,0 ҳаз. сомон , ҶДММ “Технополоиш” 8121,0 ҳаз. сомон ва ҶДММ “ТК Ойл” ба маблағи 9949, 5 ҳаз. сомон ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ-и “Данғара” баъди минтақаи “Суғд” дар ҷойи дуюм қарор дошта, дар назар аст, ки дар ояндаи наздик ба яке аз минтақаҳои рушдёфта табдил хоҳад ёфт. Зеро, ҳаҷми сармоягузории ватанию хориҷ дар минтақаи номбурда хеле назаррас аст.

Ноҳияи Ишкошим яке аз ноҳияҳои к ҳистон ва дурдасти ВМКБ ба ҳисоб меравад. Ноҳия бо табиати асрорангез, чашмаҳои гарму шифобахш дар ҷумҳур машҳур буда, диққати сайёҳони дохилию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Мувофиқи маълумотҳои омор дар соли 2022 дар МОИ-и “Ишкошим” ҳамаг 5 субъект ба қайд гирифта шуда, 14 нафарро ба ҷойи кор таъмин кардааст. Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмон ба маблағи 1441, 0 ҳаз. сомон амал шудааст [4].

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаи мазкур дар соли 2018 ба 205 ҳаз. сомон ва дар соли 2019 ба 3,7 млн. сомон ва баробар гардид, ки назар ба дигар МОИ-и кишвар хеле кам мебошад. Сабаби асосии кам ҷалб

гаштани сармоягузорони ватанию хориҷ дар МОИ-и "Ишкошим" дар инфрасохтори рушднаёфта (роҳ, коммуникатсия) ва иқлими номусоид назар ба дигар минтақаҳо, вазъи нооромии сиёс дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ғайра мебошад. МОИ "Ишкошим" метавонад ба истеҳсоли доруҳо дар асоси коркарди растаниҳои шифобахши нодири баландк ҳҳо махсус гардонида шавад.

Инчунин, истеҳсоли обҳои маъданиро, ки дар ноҳияи Ишкошим захираҳои он хезе зиёданд, ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Ҳамзамон, ноҳия аз канданиҳои фоиданок ва сангҳои қиматбаҳо хеле бой буда, захираи зиёди санги мармар дорад, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷ ва дар ин замина ташкил намудани ҷойҳои нави кор мусоидат менамояд.

Дар асоси таҳлил ва баҳогузории фаъолияти соҳибкории истеҳсол дар МОИ-и маълум гардид, ки фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ-и "Ишкошим" ғайриқаноатбахш арзёб мегардад.

Ба андешаи мо сабабҳои асосии рушд накардани минтақаи мазкур пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиёт , бозор , иҷтимо ), мавҷуд набудани захираҳои молияв , мушкилоти шароитҳои таби - иқлим , дур аз роҳи оҳан, ғайрисамаранок истифодаи захираҳои таби , танзими ғайрисамаранок ва идоракун ҷиҳати ҷалби сармоягузорон дар бунёди инфрасохтор, самаранокии пасти хароҷотҳои буҷав , нокифоя будани иттилоотонидани сармоягузорони иқтидор , рекламаи сусти маъмурияти МОИ, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва ҳавасмандгардонии суст барои кормандони маъмурияти МОИ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, нархи баланди ашё, захираҳои энергетик , маводҳо ва нақлиёт, офатҳои таби , обхез , заминларза, вазъияти номуътадили сиёс дар Афғонистони ҳамсоя, сармоягузории нокифояи давлат , эҳтимолияти пеш аз муҳлат баста шудани фаъолияти МОИ дар вобастаг дар иҷро нашудани барнома (дар давраи гузариш) ба хатарҳои минтақаи мазкур дохил мешавад. Таҳлили вазъи фаъолияти МОИ-и "Ишкошим" нишон дод, ки он назар ба дигар МОИ-и кишвар хеле сусттарақк мебошад.

Минтақаи озоди иқтисодии К лоб бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда, ба Маъмурияти он 309,32 га замин аз ҳудуди ҷамоати Зиракии деҳаи Сарёзидашт ҷудо карда шудааст.

Айни замон дар минтақаи мазкур ду корхонаи саноат : ҶДММ "Тоҷик Алмос" ва ҶДММ "К лоб Агросаноат" ба қайд гирифта шуда, дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноат 29,5 ҳаз. сомониро ташкил дод. Дар соли 2022

дар минтақаи мазкур корҳои сохтмон ба маблағи 12460,0 ҳаз. сомон амал гардидааст [4].

Таҳлилҳои мо нишон дод, ки саҳми минтақаҳои озоди иқтисод дар маҷм и маҳсулоти дохил , рушди истеҳсоли маҳсулоти саноат , воридоти технологияи муосири инноватсион , истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои нави кор ва таъмини бозори истеъмол бо маҳсулоти хушсифати ватан тадриҷан афзуда истодааст.

Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии рушди соҳибкории истеҳсол дар минтақаҳои озоди иқтисод пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиёт , бозор , иҷтимо ), мавҷуд набудани захираҳои молияв , шароити таби -иқлим , вазъияти номуътадили сиёс дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлат , мушкилоти иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, таблиғ ва ташфиқоти сусти имтиёз ва афзалиятҳои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисод , норасоии кадрҳои соҳибтахассус, ҳавасмандгардон ва ғайра ба шумор меравtotал.

Ҳамин тариқ, натиҷаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагир карда, аз панҷ минтақаи айни замон амалкунанда фақат чортои он фаъолияти истеҳсолиро ба роҳ монда, дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор доранд.

## Адабиёт


1. Абдураҳмон Ҳ. Рушди соҳибкории истеҳсол дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. номзад Душанбе – 2024.
2. Абдураҳмон Ҳ. Масоили рушди соҳибкории истеҳсол дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон. Монография. Нашриёти КВД “Матбаа”. Душанбе – 2024.
3. Арская Е.В., Кравченко Л.Н., Усатова Л.В. Этапы возникновения и развития свободных экономических зон // Экономика. Информатика. 2018. №3. URL: с. 442-449. https://cyberleninka.ru.
4. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи омор . Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.
5. Конвенсияи байналхалқ оид ба соддагардон ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрук (Ҷопон, майи соли 1973) (Конвенсияи Киото).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисод ” аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016. С.73.

# БАЪЗЕ АЗ ҶАБҲАҲОИ РУШДИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Умедҷони Амонӣ** - унвонҷ

*Мақола дар бораи рушд ва такмили институтсионалии фаъолияти гумрукӣ дар шароити муосир ва аҳамияти он барои рушди иқтисодии миллӣ ва афзоиши савдои байналмилалӣ мебошад. Мавзуи асосии мақола омода кардани муассиртарин механизмҳои гумрукӣ барои мутобиқшавӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва ҷорӣ кардани системаи шаффофияти раванди гумрукӣ мебошад. Дар мақола ҳамчунин ба таҷрибаи муваффақи кишварҳо, аз ҷумла Чин, ва роҳҳои рушд ва беҳбудии фаъолияти гумрукӣ тавассути ҷорӣ кардани платформаҳои рақамии муосир ва такмили қонунгузорӣ ибрози назар мегардад. Пешниҳодҳо ва идеяҳо барои рушди соҳа пешниҳод шуда, дар асоси онҳо роҳҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байналмилалӣ баҳс мешаванд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушд, институтсионалӣ, фаъолияти гумрукӣ, стандартҳои байналмилалӣ, технологияҳои муосир, ҳамкории байналмилалӣ, платформаҳои рақамӣ.*

Фаъолияти гумрук  яке аз самтҳои муҳими танзими муносибатҳои иқтисод  ва тиҷоратии ҳар як давлат мебошад. Дар шароити муосири ҷаҳонишав , рушд ва такмили институтсионалии ин соҳа аҳамияти махсус пайдо намудааст. Ин раванд на танҳо ба таъмини амнияти иқтисод  ва идоракунии муассир мусоидат мекунад, балки барои ҳавасмандгардонии савдои байналмилал  ва коҳиши монеаҳои бюрократ  нақши калид  мебозад.

Муассир гардонидани фаъолияти гумрук  ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилал  барои рушди иқтисоди милл  зарур аст. Тавре Созмони ҷаҳонии гумрук таъкид мекунад: "Ҷор  намудани стандартҳои ягонаи байналмилал  заминаи мустаҳкам барои шаффофият ва самаранокии фаъолияти гумрук  мебошад"[1].

Рушди институтсионалии гумрук ба ду самти асос  такя мекунад: мустаҳкам намудани қонунгузории соҳа ва ҷор  намудани технологияҳои муосир. Аз ҷумла, қабули қонунҳо ва меъёрҳое, ки ба стандартҳои Созмони ҷаҳонии савдо ва Созмони ҷаҳонии гумрук ҷавобг янд, омили асосии ҳамгироии иқтисодии давлатҳо мебошад.

Дар Тоҷикистон, фаъолияти гумрук ҳамчун унсури муҳими таъмини шаффофият ва рушди иқтисод  ба ҳисоб меравад. Ҳукумати кишвар барои

ҳамгироии хадамоти гумрук бо шарикони хориҷ  ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилал  чораҳои зарур  меандешад. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, татбиқи технологияҳои рақам  дар фаъолияти гумрук яке аз самтҳои афзалиятнок мебошад.

Шаффофияти раванди гумрук , ки тавассути ҷор  намудани системаҳои автоматии барасмиятдарор , аз қабили ASYCUDA, таъмин мегардад, монеаҳои бюрократиро кам мекунад ва ба таҳкими боварии шарикони тиҷорат  мусоидат менамояд. Ҷор  намудани мониторинги рақам  ва блокчейн имконият медиҳад, ки равандҳои гумрук  ба таври самарабахштар анҷом дода шаванд.

Мисоли муваффақи таҷрибаи байналмилал  метавонад рушди хадамоти гумруки Чин бошад. Дар ин кишвар, татбиқи системаи гумрукии интеллектуал , ки дар асоси технологияҳои рақам  кор мекунад, боиси баланд шудани суръати барасмиятдарор  ва кам кардани хароҷоти маъмур  шудааст. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҷор  намудани усулҳои пешрафта на танҳо ба рушди иқтисоди милл , балки ба афзоиши савдои байналмилал  низ таъсири мусбат мерасонад [3].

Барои Тоҷикистон дар шароити муосир ҷор  намудани стандартҳои ягонаи байналмилал , такмили дониши кормандони хадамоти гумрук ва таҳкими ҳамкор  бо ташкилотҳои байналмилал  афзалияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин р , рушди институтсионалии фаъолияти гумрук бояд ба принсипҳои шаффофият, масъулият ва ҳавасмандгардон  такя намояд.

Иқтибос аз роҳбари яке аз созмонҳои байналмилал , ки нақши хадамоти гумрукро таъкид мекунад: "Дар ҷаҳони имр за, хадамоти гумрук на танҳо дарвоза ба бозори байналмилалист, балки кафолати амнияти иқтисод  мебошад."

Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти имр за, хадамоти гумруки Тоҷикистон бояд ба самтҳои навовар  ва рушди устувор тамаркуз кунад, ки ин на танҳо ба афзоиши савдои хориҷ , балки ба баланд бардоштани сифати идоракунии давлат  низ мусоидат менамояд.

*Пешниҳодҳо ва идеяҳо барои рушди институтсионалии фаъолияти гумрукӣ*

Барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти гумрук  ва рушд кардани институтсионалии ин соҳа, якчанд пешниҳоди муҳим метавонанд к мак расонанд:

**1. Ҷорӣ намудани омӯзиш ва тренингҳои мунтазам барои кормандони гумрук**

Ин тренингҳо бояд дар самтҳои гуногуни инноватсияҳои гумрук , қонунгузор ва роҳҳои ҳалли муаммоҳои бюрократ ба роҳ монда шаванд. Технологияҳои навин ва усулҳои муосир дар фаъолияти гумрукии байнидавлат бояд доимо ом зиш ва тақвият ёбанд.

**2. Рушди платформаҳои электронӣ ва ҳамгироии маълумот**

Ба назар мерасад, ки рушди системаи «гумруки рақам » ва ҷор кардани платформаҳои электрон дар амалия, ки имконияти коркард ва муошират бо маълумоти гумрукиро осон мекунад, як қадами муҳим аст. Ин ҳамкориҳоро байни кишварҳои гуногун фаъол месозад ва муроҷиатҳои гумрук ва сатҳи адолатро таъмин мекунад.

**3. Системаи мониторинг ва аудити мустақил**

Барои таъмини шаффофият ва пешгирии фасод, лозим аст, ки системаи мониторинг ва аудити мустақили равандҳои гумрук мавҷуд бошад, ки танҳо барои таъмини риояи меъёрҳо ва қонунҳо хизмат накунад, балки барои к мак ба ом зиши тадқиқот ва рушди ин соҳа низ мусоидат кунад.

**4. Инвеститсияи зиёде дар технологиҳои нав**

Барои беҳтар кардани пайвастагии гумрукҳо бо стандартҳои байналмилал ва суръат бахшидан ба барасмиятдарор , кишварҳо бояд ба технологиҳои навин, аз қабили блокчейн ва зеҳни сунъ , сармоягузор кунанд. Ин масъала метавонад на танҳо самаранокии барномаҳои гумрук , балки бехатарии иттилоотро низ таъмин намояд.

**5. Ҳамкории байналмилалӣ ва алоқаи мустаҳкам бо созмонҳои байналмилалӣ**

Созмонҳои байналмилал , аз қабили Созмони ҷаҳонии гумрук (WCO) ва дигар ташкилотҳои бо савдо ва гумрук алоқаманд, бояд ҳамкории амиқ ва доим дошта бошанд. Бо мубодилаи маълумот ва таҷрибаҳои муфид, кишварҳо метавонанд беҳтарин таҷрибаҳоро барои беҳтар кардани фаъолияти гумрук мутобиқ кунанд [1].

**6. Барномаҳои таҳким кардани боварӣ ва ҳамкорӣ байни давлатҳо**

Бо истифода аз платформаҳои рақамии муосир, давлатҳо метавонанд ҳамкориҳои бештар дар робита бо мубодилаи иттилоот ва қарорҳои гумрук эҷод кунанд. Ин к мак мекунад, ки ҳар як кишвар метавонад ба таври мустақил ва ҳамоҳанг кор кунад, ки ин барои пешгирии хароҷоти беасос ва монеаҳои тиҷорат муҳим аст.

**7. Ҷалби бахши хусусӣ ба рушди фаъолияти гумрукӣ**

Ҳукуматҳо метавонанд барои ташкили шарикҳои иҷтимоии дуруст, ки дар раванди рушди фаъолияти гумрук саҳм мегузоранд, бахши хусусиро бештар ҷалб кунанд. Шарик бо ширкатҳои байналмилал ва маҳалл

метавонад барои навовариҳои кор ва афзоиши сифати хизматрасониҳо дар соҳаи гумрук мусоидат кунад [3].

Ҳамзамон, пешниҳоди мазкур метавонанд дар таъмини амният ва рушд дар кишварҳои ҷаҳон муҳим бошанд ва барои шомил кардани онҳо дар амалия ва стратегияҳои гумрук заминаи устувор таъмин мекунад.

**Адабиёт**

1. Созмони ҷаҳонии гумрук (WCO). "Стратегияҳои муассир дар соҳаи гумрук."

2. Вазорати иқтисодиёт ва савдо, "Таҳлили иқтисодии фаъолияти гумрук ва стандарти байналмилал ."

3. Мудирияти гумрук дар шароити муосир: таҳқиқот ва таҳлили таҷрибаҳои байналмилал .

4. Вебсайти Созмони ҷаҳонии гумрук, "Роҳнамо барои такмили фаъолияти гумрук дар шароити муосир."

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## НАҚШИ ГУМРУК ДАР ТАҲКИМИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

**Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич-с**ардори
шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон

*Мақола ба нақши гумрук дар таҳкими иқтисодиёти сабз бахшида шуда, саҳми ин ниҳод дар ташаккули иқтисодиёти сабз муайян карда шудааст. Зимни тадқиқи мавзуъ муаллиф бо истифода аз санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ нақши хадамоти гумрукро мавриди омӯзиш қарор дода, муайян намудааст, ки воқеан ҳам хадамоти гумрук дар таҳкими иқтисодиёти сабз саҳми назаррас дорад.*

*Қайд кардан ба маврид аст, ки қочоқи ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ, буридани ғайриқонунии дарахтон, партовҳои кимиёӣ ва дигар партовҳои хатарнок, ки ба амнияти байналмилалӣ ва муҳити экологӣ хатарафзост, яке аз самтҳои асосии фаъолияти хадамоти гумрук маҳсуб ёфта, нақши онро таҳкими иқтисодиёти сабз муайян месозад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти сабз, хадамоти гумрук, қонунҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, муҳофизати сарватҳои табиӣ, буридани ғайриқонунии дарахтон, Конвенсияҳо, ҳайвонотҳои ваҳшӣ, партовҳои хатарнок.*

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъалаи бехатарии экологӣ, махсусан рӯ овардан ба иқтисодиёти сабз яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Гузаштан ба иқтисодиёти сабз дар ҷомеаи муосир талаботи меҳварии замон буда, барои беҳтар намудани вазъи экологии ҷомеа, солимии аҳолӣ, ҳифзи табиат, рушди иқтисодиёти безерар, такрористеҳсолнамоӣ, баланд бардоштани даромадҳои пулии аҳолӣ ва сарфакории имкониятҳои иқтисодӣ саҳмгузор мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки барои таҳкими ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқи қабул карда шуда, ҷиҳати амали гардонидани онҳо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, хадамоти гумрук мувазаф гардонида шудааст.

Аҳамияти иқтисодиёти сабз дар он зоҳир мегардад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2018 таъкид намуда, иброз доштанд: «Зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар намудану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир намоем» [4]. Аз ин рӯ, иштироки фаъоланаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, хадамоти гумрук дар таъмини амнияти экологии кишвар махсусан рушди иқтисодиёти сабз хеле муҳим арзёби гардидааст.

Дар самти ташаккул ва рушди иқтисодиёти сабз як қатор мушкилиҳо ҷой дорад. Аз ҷумла, буридани ғайриқонунии дарахтон, қочоқи навъҳои нодири набототу ҳайвонот, партофтани партовҳои саноатӣ ба ҳаво, ки таваҷҷуҳи ҷиддии ниҳодҳои гуногуни давлатӣ махсусан прокуратура, хадамоти гумрук ва милитсияро тақозо мекунад.

Дар замони муосир нақши хадамоти гумрук дар ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти иқтисодии давлатӣ хеле назаррас мебошад.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 инҷониб узви Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук мебошад. Узвият ба ин Созмони бонуфуз имкон медиҳад, ки ҳамкории мутақобилан судманд ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Кишварҳои узви Созмони умумиҷаҳонии гумрук барои мубориза ба зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва намудҳои гуногуни ҷиноятҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва идоракунии захираҳои табӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Хадамоти гумрук аз мусоидат ва ҳамкории назарраси Созмони Умумиҷаҳонии гумрук дар самтҳои такмили қонунгузории гумрукӣ, модернизатсия ва ислоҳоти мақомоти гумрук, ҳамоҳангсозӣ ва ҳамшаклии расмиёти гумрукӣ, таҳкими ҳамкории байналмилалии гумрукӣ,

мубодилаи маълумот миёни хадамоти гумруки кишварҳои ҷаҳон, омӯзиши кормандони мақомоти гумрук, инчунин аз хизматрасониҳои машваратию иттилоотии Созмони Умумиҷаҳонии гумрук оид ба фаъолияти гумрукӣ бархурдор гардидааст, ки он ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти хизматӣ мусоидат менамояд.

Ба Конвенсияи Базел (оид ба назорати интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №279 аз 2 июни соли 2017 аъзо гардида, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2016, таҳти №437 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Базел оид ба назорати интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо» аъзошавӣ ба Конвенсияи Базел тасдиқ шудааст [1].

Тибқи он аз кишварҳои аъзои Конвенсия талаб карда мешавад, ки як қатор чорабиниҳоеро, ки ба беҳдошти амалишавии Конвенсия ва риояи ухдадориҳои тарафҳо нигаронида шудааст, аз ҷумла пешгирии гардиши ғайриқонунии партовҳои хатарнок ва дигар навъи партовҳо таҳия намуда, дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалие, ки ваколати пешгирӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии онҳоро доранд амалӣ намоянд.

Барои ноил гардидан ба "Гумруки сабз" кормандони хадамоти гумрукро зарур аст, ки дар соҳаи бехатарии экологӣ малакаҳои махсус пайдо намуда, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба як чанд Конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ҳамкориро тақвия бахшанд . Аз ҷумла:

1. Протоколи Монреал оид ба моддаҳое, ки қабати озонро вайрон мекунанд (1987). [5].

2. Тағйирот ба Протоколи Монреал оид ба моддаҳое, ки қабати озонро вайрон мекунанд (2016).

3. Конвенсияи Базел дар бораи назорати интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо, 1989, ки ҳамаи давлатҳои Амрикои Марказӣ ҷонибдори он мебошанд).

4. Протоколи Картахена оид ба бехатарии биологӣ ба Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ (аз соли 2003 эътибор дорад ва ҳамаи давлатҳои Амрикои Марказӣ ҷонибдори он мебошанд).

5. Конвенсияи Минамата оид ба Меркурий (соли 2013 қабул шудааст ва давлатҳои Амрикои Марказӣ, ба истисnои Гватемала, узви он мебошанд).

6. Конвенсия оид ба савдои байналмиллалии намудҳои фауна ва флораи ёбои (CITES), ки 3 марти соли 1973 дар Вашингтон, ИМА баргузор гардид. Ин Конвенсия тиҷорати ҳайвоноту набототи ваҳшӣ ва нигоҳ доштани саршумори онҳоро танзим мекунад. Ин созишнома зиёда аз 33

ҳазор намудҳои гуногуни ҳайвонот ва набототро дар бар мегирад [3]. Конвенсия бузургтарин конвенсияи ҳифзи олами ҳайвоноти ваҳшӣ мебошад, ки аъзошави дар он ихтиёрӣ буда, иҷрои вазифаҳои дар зимаи аъзоён гузоштащуда барои ҳамаи давлатҳои аъзо ҳатмист. Ин Конвенсия яке аз ҳуҷҷатҳои бунёдии Барномаи гумруки сабз мебошад.

7. Конвенсияи Роттердам дар бораи тартиби розигии пешакӣ барои баъзе кимиёвӣ ва пеститсидҳои хатарнок дар савдои байналмилалӣ (2004 ва ҳамаи давлатҳои Амрикои Марказӣ ҷонибдори он мебошанд).

8. Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои органикии доимӣ (2001, ки ҳамаи давлатҳои Амрикои Марказӣ аъзои он мебошанд).

9. Конвенсия оид ба манъи таҳия, истеҳсол, захира кардан ва истифодаи силоҳи кимиёвӣ ва нобудсозии онҳо (Конвенсияи силоҳи кимиёвӣ ё CWC), ки соли 1993 ба имзо расидааст; Қобили зикр аст, ки ҳарчанд ҳадафи аслии ин созишнома ҳифзи муҳити зист нест, аммо дар форуми байналмилалӣ он ҳамчун стандарти марбут ба ташаббуси Гумруки сабз ворид карда шудааст.

Ҳамин тариқ, «Гумруки сабз» як ташаббуси байналмилалӣ барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон буда, тавасути мақомтҳои қудратӣ аз ҷумла хадамоти гумрук баланд бардоштани рушди устувори иқтисодӣ, таъмини некуаҳволӣ ва амнияти аҳолӣ мебошад.

Бо дарназардошти он, ки мушкилоти амнияти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст умедворем, ки тавасути қабул намудани барномаи мушаххасе оиди гумруки сабз ва ё илова намудани бахши гумрекӣ дар низоми иқтисодиёти сабз мо метавонем мушкилоти бехатарии экологиро поён оварда, таъмини иқтисодиёти сабзро имконпазир гардонем.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти хадамоти гумруки Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз ҳама кордонии кормандони хадамоти гумрук, ноил шудан ба амнияти пурраи экологӣ на ҳамеша ба натиҷаи дилхоҳ оварда мерасонад. Зеро ин мушкилот аксаран характери умумиҷаҳонӣ дорад. Дар робита ба ин, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созишномаҳо, барномаҳо, семинарҳо ва конвенсияҳои гуногун зери сарпарастии СММ яке аз ҳадафҳои аосии расидан ба иқтисодиёти сабз мебошад.

Хулоса дар замони муосир масъулияти иҷрои Конвенсияҳои номбаршуда, ки дар чаҳорчуби ташаббуси гумруки сабзи Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расидааст, бар дӯши нозирон ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти гумрук аст. Маҳз онҳо тиҷорати байналмилалии қонунӣ ва ғайриқонуниро танзим ва муайян мекунанд, ба қаллобии фаромарзӣ мубориза мебаранд ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро оид

ба риояи мамнуъиятҳо ва маҳдудиятҳо, инчунин дигар фаъолиятҳо месанҷанд.


### Адабиёт

1. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Базел оид ба назорати интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо» 13 майи соли 2016, таҳти №437.

2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ.2, мод.703, мод.704; с.2006, №3, мод.159; с.2007, №7, мод.681; с.2008, №6, мод.459, №10, мод.818; с.2011, №3, мод.160, №6, мод.458; с.2012, №4, мод.250, №7, мод.695, мод.724, №8, мод.818, №12, қ.1, мод.1000; с.2013, №12, мод.879; с.2015, №3, мод.211; с.2016, №3, мод.151, №7, мод.625, №11, мод.882; с.2017, №5, қ.1, мод.278, мод.279; с.2018, №2, мод.68, №7-8, мод.528; с.2019, №4, мод.228, №6, мод.323; с.2020, №1, мод.24; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746)

3. Конвенсия оид ба савдои байналмиллалии намудҳои фауна ва флораи ёбои (CITES), (Вашингтон ИМА 3 марти соли 1973).

Барои ташкил намудани кори мустақилона, маводҳои махсусан таҳияшудаи дидактикӣ лозиманд (маводи тақсимшаванда, машқҳои гуногун, варақаҳо, супориш барои кори ҷуфтҳо ва гурӯҳӣ, лаҳзаи филмҳо, сабтҳои видеоӣ). Ба ин манбаъҳо такя намуда донишҷӯён имконияти иҷро намудани миқдори кофии амалу амалиётҳоеро пайдо мекунанд, ки барои шаклгирӣ ва такмили

малакаҳои забон  ва маҳорати нутқ, инчунин инкишофи диққат, тафаккур ва хотира заруранд.

Барои шаклгирии мустақилияти репродуктивӣ-тақлидӣ беҳтараш маводро тарзе тартиб додан лозим аст, ки донишҷӯён на фақат чӣ гуна иҷро намудани вазифаро донанд, балки барои назорат намудани дурустии амалҳои иҷрошаванда бо ёрии мифтоҳ имконият пайдо намоянд. Барои кори мустақилонаи намуди таҷдидкунанда, чунин машқҳо ба монанди  «гӯш кун ва такрор намо», азёд кардани суруду шеърҳо бо фонограмма, машқҳои дар CD сабтшуда, барои ҳосил намудани малакаи шунаво  ва фаҳмишу дарккун   муфиданд.

Барои дар донишҷӯён ташаккул додани қобилияти пешгӯии эҳтимолӣ ҳангоми гӯшкунӣ ва хондан, истифодаи машқҳо бо такроршавии тез-тези маводи лексикӣ ва нутқ  , инчунин супоришҳое ки донишҷӯёнро ба амалиётҳои таҳлилию натиҷагир  водор намоянд, мақсадноканд.

Барои таъмин намудани устуворӣ ва равонасозии диққат, мундараҷаи мавод бояд ба қобилияти донишҷӯён мувофиқ бошад, барои онҳо дастрас ва шавқовар буда, ба таҳлил ва хулосабарор  мусоидат намояд.        Вазифаи омӯзгор ин ба донишҷӯён кумаке расонидан аст, ки хусусияти равонакунанда, шарҳдиҳанда, ташкилкунанда ва тасҳеҳкунандаро дорад, Барои супоришро чӣ гуна иҷро кардан, пайдарҳамии иҷрои машқҳоро ёд додан, шароити зарурӣ фароҳам овардан,тавсияҳои зарурӣ додан  мақсаднок аст.

Дар ташкили мустақилияти донишҷӯён фаъолияти самараноки таълимӣ амал  мешавад, ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим, рафтори одамдӯстонаи муносибатҳои корӣ ва шахсии онҳо амалӣ мегардад, раванди ҳосилшавии малакаҳое тезонида мешавад, ки дар он худтанзимкунии донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Мақсаднок гузаронидани ҳамдигарназораткунӣ ва худназораткунӣ на фақат омӯзишро фаъол мекунад, балки масъулиятнокии донишҷӯёнро баланд мебардорад. Он ҳатто дар чунин ҳолатҳое зоҳир мегардад, ки омӯзгор дар пеши худ чунин вазифаҳоро нагузошта бошад.

Таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба он имконият медиҳад, ки кори мустақилонаи ба таври оқилона ташкилкардашудаи  донишҷӯён барои аз худ намудани донишҳои амиқу мустаҳкам, инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ ва фаъолияти давомноки ақлонӣ, усулҳои оқилонаи кори мустақилонаро ёд гирифтани донишҷӯён, имконият медиҳад.

**Адабиёт**

1. Бабинский Л.М. Опорные схемы для обучения английскому языку //Иностранные языки в школе. - 2000. - №2.

2.Внеклассная работа по иностранным языкам как органическая часть системы обучения. - Йошкар-Ола, 2007.

3.Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школы. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2005. – 310 с.

4.Шарипов Д. Дидактические основы формирования навыков самостоятельной работы студентов в процессе обучения. Автореф докт.пед.наук.-

Душанбе, 1997. -50 с.

5. Умарова Б.Х. Усиление роли и эффективности самостоятельной работы обучающихся при кредитной системе обучения.//Материалы международной конференции, посвященной Дням русского языка и культуры в РТ //«Актуальные проблемы филологии и культурологии», 2009, с.230-235.

6..Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2015 года, утвержденная Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 июня 2007 года №704

7.Маджидов Х., Мирзоев Р.Р., и др. Самостоятельная работа студентов (методическое пособие на тадж. яз.). ғДушанбе, 2009. «Эр-граф» 70 стр.

8.Закон Республики Таджикистан «Об образовании»//Вестник МО РТ. - Душанбе, «Шарки Озод», 2004.-С.66.

**УДК: 334**

## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Назруллозода Майсара Назрулло** – н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

*Дар мақола иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои гумрукӣ дар иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлилҳо оид ба рушди иқтисоди рақамӣ аз тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, алалхусус комплекси кишоварзӣ-саноатӣ, савдои рақамӣ, молияи рақамӣ, таҳсилоти рақамӣ, тибби рақамӣ, фарҳанги рақамӣ, экологияи рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ оварда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити иқтисодӣ рақамӣ рушди хизматрасониҳои гумрукӣ барои баланд бардоштани шаффофият ва сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити муосир фароҳам оварда шавад. Инчунин, пешниҳод гардидааст, ки барои рушд ва ташаккули ҳадафи гузошташуда, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ борои рушди савдои хориҷӣ дар Тоҷикистон, тадбирҳои муассир барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар ба оварда шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои гумрукӣ, рушди иқтисодӣ, таҳсилоти рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, ҳукумати элетронӣ.*

Дар солҳои охир рушд бахшидани иқтисоди рақам ба яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта баёнгари он аст, ки дар шароити рушди технологияи рақами мо метавонем дар беҳбуди бахшии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъият аз имкониятҳои он истифода намоем. Фаъолияти иқтисод дар асоси технологияҳои рақамии

марбут ба тиҷорати электронии рақам , хизматрасониҳои рақам , тақвияти истеҳсолоти рақам дар назар дошта мешавад. Хусусан, пайдоиши мафҳумҳои наве чун ҳукумати электрон ва иқтисоди рақам аз истифода шудани имкониятҳои технологияҳои муосир дар рушди соҳаҳои мухталиф дарак медиҳад[4]. Мусаллам аст, ки агар солҳои қабл кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида мавриди таҳлилу баррас қарор медоданд, айни ҳол иқтисоди кишварҳои мутараққ пурра бо роҳи рақам татбиқ мегардад. Рушди иқтисоди рақам аз тамоми соҳаҳои иқтисодиёти милл , бахусус комплекси кишоварз -саноат , савдои рақам , молияи рақам , таҳсилоти рақам , тибби рақам , фарҳанги рақам , экологияи рақам вобастаг дошта, рақобатро дар ҳама самтҳо васеътар менамояд. Инчунин иқтисоди рақам имкон медиҳад, ки тиҷорат ва хизматрасониҳои электрон бо дигар кишварҳо вусъат меёбанд.

Рақамикунонии иқтисодиёт ба таъсиси модели нави идоракунии рақам дар рушди иқтисодиёт, татбиқи навгониҳои рақам дар истеҳсолот, ҷалби сармояи хориҷ , таҳкими тамоюли содирот , тақвияти маҳсулоти воридотивазкунанда ва дарёфти роҳҳои хизматрасонии рақам нигаронида шудааст.

Қайд кардан ба марид аст, ки рушди хизматрасониҳои гумрук дар шароити иқтисод рақам барои баланд бардоштани шаффофият ва сифати хизматрасониҳои гумрукии пешниҳодшаванда дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024" ҳадафгузор шудааст[2]. Пешбин мешавад, ки беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои гумрук бояд барои рушди савдои хориҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам орад. Барои баланд бардоштани сифат ва шаффофияти хизматрасонии гумруки бе таҷдиди расмиёти гумрук ва мутобиқгардонии усулҳои назорати гумрук ба стандартҳои байналмилал , аз ҷумла талаботи Конвенсияи Киото, Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук амал намудан имконнопазир аст[2].

Такмили кори мақомоти гумрук ва хизматрасониҳои гумрукиро дар гузаргоҳҳои назорат бо рушди технологияҳои иттилоот ва иттилоотонии пешак алоқаи ҷудонопазир дорад. Маълумоти пешак , ки дар худ ҳамаи иттилооти заруриро дар бар мегирад, барои аз ҷониби мақомоти гумруки Тоҷикистон кам кардани ҳолатҳои истифодаи воситаҳои иловагии назорат, воситаи асос мебошад. Бо мақсади такмил додани механизмҳои назорати давлат дар гузаргоҳҳои сарҳад дар саросари сарҳади давлатии Тоҷикистон зарур аст, ки пешбурди маълумотдиҳии ҳатмии пешакиро оид ба моли ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон воридшаванда, анҷом диҳанд.

Омили асосии расидан ба ҳадафҳои пешгузоштаи мақомоти гумрук дар самти коҳиш додани вақти анҷомдиҳии амалиёти гумрук ва мусоидатнамоӣ ба тиҷорати байналмилал , ин худкоркунонии равандҳои назорати гумрук

мебошад[6]. Ҷорӣ намудани дарҳол қабулшавии қарор ҳангоми эъломиякунонии молҳо рушди минбаъдаи системаи электронии эъломиякунониро талаб мекунад, ки кори он танҳо ба истифодаи ҳуҷҷатҳои электрон асос ёфтааст. Бо мақсади рушди минбаъдаи эъломияи электрон , такмил додани технологияи транзити электрон низ пешбин шудааст. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат, ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсион ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақам дар иқтисодиёт, солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақам ва инноватсия» эълон намуданд[5]. Нисбати ин масъала Пешвои миллат ибрози андеша намуданд, ки низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касб , равияи омода намудани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарур барои рушди иқтисоди рақам ва барномасоз ҷор карда шаванд.

Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои калид дар самти ған гардондани Буҷети давлат маҳсуб меёбад ва дар самти танзими фаъолияти иқтисоди хориҷии мамлакат нақши муҳим дорад. Дар шароити имр заи рушди иқтисоди бозоргон ба зиммаи Хадамоти гумрук танзими фаъолияти иқтисодии хориҷ гузошта шудааст, ки аз кори он инкишофи самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт, густариши соҳибкор , аз ҷумла, тиҷорати хурд ва миёна вобастагии қав дорад.

Мутобиқи меъёрҳои Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрук дар таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ин сиёсатро амал менамояд. Мақомоти гумрук дар баробари риояи қонунгузориҳои гумрук ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, инчунин, ҳуқуқу манфиати давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар соҳаи фаъолияти гумрук ҳимоя мекунанд.

Ҳаминро қайд менамоям, ки дар ин раванд, ҷиҳати муҳайё намудани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун ба онҳо, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоот ва бозом з дар муассисаҳои пешқадами хориҷ дар шароити муосир зарур дониста мешаванд. Ҳамчунин, истифодаи технологияҳои рақам ва зеҳни сунъ , яке аз масъалаҳои муҳиму зарур барои соҳаҳои гуногуни иқтисод -иҷтимо , алалхусус соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мубадал гардида истодааст, барои самаранокии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар низ мусоидат менамояд. Дар ин самт ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупор ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақд барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисод рақам то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақд дар соҳаҳои буҷет ва хизматрасониҳои давлат пурра таъмин хоҳанд гардид. Ин нишондиҳанда дар бисёре аз кишварҳо 80 - 90 фоизро ташкил медиҳанд.

Рақамикунон  на танҳо равандҳои идоракуниро содда ва муассир мегардонад, балки заминаи ҷор  намудани технологияҳои пешрафта, сарфаи захираҳо ва густариши фазои соҳибкориро фароҳам меорад. Ин иқдоми на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, балки ба таҳкими иқтисоди рақам , рушди устувор ва мутобиқати кишвар ба талаботи ҷаҳони муосир мусоидат мекунад [3]. Рушди иқтисодиёти рақам  дар ҷумҳур  имконият фароҳам меорад, то сатҳи зиндагии аҳол  беҳтар гардида, маҳсулоти хушсифат дар бозор истеъмол  афзоиш ёбад. Аҳол  барои қонеъгардонии эҳтиёҷоту талаботи худ аз роҳу усулҳои муосири технологияи рақам  истифода намуда, ба ин васила вақт ва маблағи худро сарфа ҳоҳанд намуд.

Айни замон рушди технологияҳои рақам  дар тамоми амалиётҳои иқтисод ба таври электрон  гузаронида мешавад. Иқтисодиёти рақам  шакли модд надорад, он молро дигар карда наметавонад. Лекин истеҳсоли мол, хизматрасон , тиҷорат ва ҳатто фармоиш додан ба таври электрон  сурат мегирад.

Тоҷикистон муносибатҳои тиҷоратии худро  бо дигар давлатҳои ҷаҳон васеъ менамояд. Соли 2024 ҳаҷми гардиши савдои берун  дар Тоҷикистон ба 4,4 миллиард доллар расид, ки нисбат ба соли пешина 29,3 % ё 1 миллиард зиёд мебошад. Аз ҷумла содироти мол 1 миллиард доллар афзоиш ёфта, воридоти мол бошад 3,4 миллиард долларро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2023, 680,1 миллион доллар зиёд аст. Мувофиқи сарчашмаҳои омор  Тоҷикистон бо 106 мамлакат, аз ҷумла, бо 10 мамлакатҳои ИДМ ва бо 96 мамлакати хориҷии дур савдои беруниро анҷом додааст. Дар гардиши савдои берун  ба ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ 46,2 % ё 2037,5 миллион доллар ва ба ҳиссаи мамлакатҳои хориҷии дур 53,8% ё 2376,8 миллион доллар рост меояд. Тоҷикистон ба муваффақиятҳои калон ноил гардида, дар рушди иқтисодии худ ҳамаи шаклҳои ҳамкории берун , аз ҷумла иқтисод  рақамиро истифода мебарад ва роҳҳои навро ҷумтуҷ  карда, самҳои нави дохил шудан ба бозори ҷаҳониро ёфта, дар оянда алоқаҳои берун  иқтисодиро баҳри инкишофи иқтисодии мамлакат бо назардошти рушди иқтисоди рақам  ба таври васеъ истифода хоҳад намуд[1].

Ҳамин тариқ, пешрав  ва рушду тараққиёти кишварро дар ҷаҳони муосир бидуни иқтисоди рақам  тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Зеро иқтисоди рақами қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иқтисод , сиёс , иҷтимо  ва фарҳангии субъектҳои хоҷагидор  буда, ба ҳадафи стратегии сиёсати давлат мусоидат намуда, баҳри беҳтар намудани сифати зиндагии аҳол  равона карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон.-Душанбе, 2024.-Саҳ.10.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024.-Душанбе, 2019.-С.1-6.
3. Денисова М.. Совершенствование механизма оказания услуг в области таможенного дело//Бизнес в законе, 2015.№2.-С.29.

4. Мустафоқулов Д.Б.Рушди иқтисоди рақам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Манбаи электрон [htt: mmk.tj]/-Душанбе, 2024.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохил ва хориҷии ҷумҳур .-Душанбе, 2024.
6. Фурсова И. По простым и прозрачным правилам//Таможня , 2008.№12.- С.2.

## МАСОИЛИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Нидоев Шоҳрух Нозимҷонович - н.и.и., муаллими кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақола ба масъалаҳои мубориза бо коррупсия бахшида шуда, тадбирҳои асосиии давлатӣ барои мубориза бар зидди он баррасӣ карда шудаанд. Инчунин дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, чораҳои зарурии муқовимат бо коррупсия бо назардошти шаклҳои гуногуни рафторҳои коррупсионӣ барои ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсион дар мақомоти гумруки ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** иқтисодиёти милл ; буҷети давлат ; мақомоти гумрук; муқовимат бо коррупсия; истифодабарии қудрат; шаклҳои рафтори коррупсионӣ; имконияти фошшав .

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароити ниҳоят мураккаби вазъи сиёсии соли 1992 бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомал Раҳмон таъсис шуда, дар рушди иқтисодиёти милл ва ған гардонидани буҷети давлат нақши калид дорад. Аз ҷумла, нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2024 дар натиҷаи такмили низоми маъмурикунонӣ ва амалигардонии рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ маблағи 9,7 миллиард сомониро ташкил дода, дар сатҳи 106,8 фоиз иҷро гардидааст [3, саҳ. 4].

Яке аз масълаҳои ташвиовари имрӯза дар Хадамоти гумкуки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин масъалаи муқовимат ба коррупсия мебошад, ки он бештар ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, инчунин аз эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлат вобаста аст, зеро, агар, мардум нисбати кормандони мақомоти давлат шубҳае пайдо кунанд, ин метавонад ба боварии онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонад.

Бинобар ин, бесабаб нест, ки масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, Пешвои миллат дар доираи дастуру супоришҳо ва фармонҳои пештар қабул кардаашон, инчунин 3 августи соли 2021, №222 Фармонро «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул намуда, ба Ш рои

миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода шудааст, ки назорати иҷрои саривақтии стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро таъмин намоянд [1].

Дар ҳақиқат, коррупсия дар замони ҳозира, дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, яке аз монеаҳои ҷидд ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти мамлакат аз р зҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлат ҷиҳати муқовимат бо он мунтазам чораҳои мақсаднок барои ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсион амал карда шуда истодааанд.

Барои мисол, баъди ба тасвиб расонидани Конвенсияи зидди коррупсионии Созмони Милали Муттаҳид, шур ъ аз 25 сентябри соли 2006 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имр з зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи давлат ба роҳ монда шудааст, ки самтҳои асосӣ ва барномасозии муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд [5].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо бармеояд, ки коррупсия бештар ба порахурии шахсони мансабдори давлатӣ алоқаманд буда, метавонад, на танҳо манфиатҳои давлатиро, балки бехатарии иқтисодии давлатиро низ халалдор намояд. Дар ин бора, Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин чунин қайд кардааст: «Коррупсия, пеш аз ҳама, на ба рушди иқтисод, балки ба вазъи иҷтимоию сиёсии кишвар таъсир мерасонад, зеро мардум ба мақомоти давлат эътимоди худро гум мекунанд. Агар мардум бовар кунанд, ки мақомотҳои давлат фасодкоранд, пас ин бовариро аз байн мебарад» [7].

Аз тарафӣ дӣгар бошад, ҳавасмандии асосии муносибатҳои коррупсионӣ - ин имконияти ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ бо истифодаи қудрат буда, омили асосии боздорандаи он, имконияти фошшав ва ба ҷазо гирифтор шудан, мебошад [8].

Чи тавре, дар боло қайд карда шуд, аз аввали ташкиёбӣ мақомотҳои давлатӣ ва гумрукии аксарияти мамлакатҳои дунё, шаклҳои гуногуни рафторҳои коррупсиониро фарогир буданд:

- иштироки бевоситаи шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар фаъолиятҳои тиҷоратӣ бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои шахсӣ ё муассисавӣ;

- бо истифода аз қудрати вазифавии хизматии худ таъсир расонидан ба қарорҳои дахлдор дар бастани ин ё он шартнома ва ё қарордодҳои корхона, фирма ва шахсони инфиродӣ;

- афзалияти бештар додан ба сохторҳои тиҷоратии «худӣ» ҳангоми истифодабарии маблағҳои давлатӣ ва ҳамзамон нақди намудани маблағхои пулӣ;

- пешниҳод намудани имтиёзҳо ва афзалиятҳо барои ширкатҳои дар ҷараён буда;

- с иистифода аз мақоми хизмат  ҳангоми ҳалли масъалаҳо, аз қабили иҷозатномадиҳ  , тақсимоти квотаҳо ва пешниҳодҳои дигари шаклҳои фаъолияти имтиёзноки иқтисоди бозор  .

Аз ин рӯ, дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳидоят ва дастурҳои Президенти мамлакат бо коррупсияи дохилӣ мубориза шадид бурда шуда, қонунҳои зиёде таҳия ва қабул гардида, экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқ   ҷор   карда шуданд.

Бояд ёдовар шуд, ки асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсияро инчунин Конститутсия, қонунҳои конститутсион  , принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилал  , шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии идорав   ташкил дода, аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда мешаванд.

Бинобар ин, бесабаб нест, ки проблемаҳои коррупсионӣ бояд мунтазам ва ҳамаҷониба тавассути татбиқи тадбирҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои ташкил  , кадр   ва ҳуқуқӣ бо ёрии тадбирҳои махсуси меъёрии ҳуқуқ  , аз ҷумла тадбирҳои милл  , ки ба рафъи зуҳуроти коррупсион   дар дигар қонунҳо пешбин   шудаанд, бо назардошти талаботҳои барномаҳои давлатӣ (аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) ва идоравӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шаванд [2, саҳ. 56].

Бояд дар хотир дошт, ки ҳоло проблемаҳои коррупсионӣ на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои аксари давлатҳои ҷаҳон, яке аз проблемаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи мубориза бо коррупсия дар давлатҳои хориҷӣ барои таҳияи чораҳои самараноки минбаъдаи рушди мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст [1].

Аз ин рӯ, дар се даҳсолаи аввали асри ҳозира, яке аз самтҳои пешбари мубориза бо коррупсия - ин ҳамкории байналмилалие мебошад, ки он ҷузъи ҷудонашаванда дар таъсиси заминаи ҳуқуқии байналмиллалии зиддикоррупсион аст [8].

Қонунгузории байналмилал  оид ба масъалаҳои танзими мубориза бо коррупсия хеле васеъ буда, тақрибан 60 санади меъёрии ҳуқуқии гуногунро дар бар мегирад [5;6].

Бояд хотир расон намуд, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро оид ба мубориза бо коррупсия дар амалияи ҷаҳонӣ, одатан ба чаҳор гуруҳ тақсим мекунанд:

Ба гуруҳи якум санадҳои ҳуқуқии Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла: Конвенсияи СММ зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003, Конвенсияи СММ ва Конвенсияи Ш рои Аврупо оид ба ҳуқуқи ҷиноят  оид ба коррупсия дохил мешаванд [5], аз қабили:

- санадҳои ҳуқуқии Ш рои Аврупо, аз ҷумла: Конвенсияи ҳуқуқи ҷиноят оид ба коррупсияи Ш рои Аврупо аз соли 1999;

- санадҳои ҳуқуқии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 20 июли соли 2006 № 165-З «Дар бораи мубориза бо коррупсия», Қонуни федералии Федератсияи Россия №273-ФЗ «Дар бораи мубориза бо коррупсия» аз 25 декабри соли 2008 [6];

- санадҳои зиёди ҳуқуқии дуҷонибаи байни давлатӣ.

Дар асоси таҳлили гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулосае биёем, ки коррупсия як доғи сиёҳ дар ҷомеа аст, ки агар, пеши роҳи он гирифта нашавад, теъдоди зиёди сохторҳои иҷтимоиро фаро мегирад. Гузашта аз ин, агар ба он муқовимат накунанд ва роҳҳои ҳалли муборизаи онро ҷустуҷ накунанд, дар он сурат мақомоти давлатӣ ба ҷои ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии ҷомеа, эҳтимолан «манфиатҳо»-и коррупсиониро ҳимоя хоҳад кард.

Бинобар ин, дар ин ҷода ҳамкориҳои дохилӣ ва байналмилал дар соҳаҳои фаъолияти иқтисодию иҷтимой ва махсусан дар фаъолияти гумрук бо мақсади ҳамоҳангсоз ва мутаносибии қонунгузориҳои дар боло зикргардида хело зарур мебошанд.

Дар ин бора, дар банди 4 моддаи 1 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилал дар соҳаи танзими гумрук бо мақсади ҳамоҳангсоз ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилал ва амалияи умумиэътирофшудаи байналмилал иштирок менамояд» [4, саҳ. 3-4].

Аз тарафи дигар, дар ҷомеа чунин ақида вуҷуд дорад, ки коррупсия дар мақомоти давлат , хоҳ дар вазорату идора, хоҳ дар мақомоти назорат ва хоҳ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хеле реша давондааст ва мардум дар мавриди аввал барои бо ришва пул кор кардан ба кори давлатӣ мераванд. Бале, боиси таасуф аст, ки дар ҷомеа чунин шаҳрвандон низ хастанд. Аммо, системаи қабули кори имр за ва фаъолият дар чунин соҳаҳо он қадар содда нест, ки дар аввал ба назар мерасад. Таҳлилҳои гузарондашуда ба мо имконият медиҳад, ки ба хулосае биёем, ки имр зҳо дар мақомоти давлатӣ, аллалхусус дар мақомоти гумрук гирифтани пора хеле хатарнок аст. Кормандонро барои гирифтани пора ҷазо ва ҳатто ҳабс мекунанд, новобаста аз он, ки онҳо дар кадом вазифае ва ё дар кадом сатҳе фаъолият доранд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар бораи гумрукчиён ҳам дар ҷомеа фикрҳои гуногун вомехуранд, ки гуё онҳо ришвах р ва соҳиби доройи зиёданд. Аммо воқеият аз ин хел ғояҳо дур аст. Шояд, дар гумрук замонҳое буданд, эҳимолан чунин шахсҳо ва корҳо низ буданд, аммо он замонҳо кайҳо гузаштаанд, гарчанде ҳоло низ корупсия пурра аз байн нарафтааст.

Гузашта аз ин, сохтори порахурӣ низ ба куллӣ тағьир ёфта, доираи одамони мусоидат мекардагӣ ба ин корҳо низ хеле танг шудааст. Аллакай як насли томи кормандони гумрук ба воя расидаанд, ки мавҷудияти ришваситонии густурдаро аз сар нагузаронидаанд ва бисьёрии онҳо барои боигарии ғайриконунӣ кӯшиш ҳам намекунанд. Ин ҳама аз он сабаб аст, ки фаъолияти онҳо ба тавре шаффоф ба

роҳ монда шуда, доимо тахти назоратанд ва ё бо тарси ба мусибате гирифтор нашудан, ба ин корҳо даст намезананд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои гузаронида шуда, мо дар маҷмӯъ беҳбуди низоми гумрукиро мушоҳида ва ошкор намудем, ҳарчанд аз нигоҳи муқовимат ба коррупсия ҳоло ҳам корҳои зиёде дар пеш аст, чунки беҳбудии коррупсионӣ дар як мақомот барои ҷомеа басанда нест.

**Адабиёт:**


1. Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222.
2. Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636. - Душанбе: ДИ ПҶТ, 2016. - 97 саҳ.
3. Каримзода Х.А. Соли пур аз файзу баракат ва комёбиҳо. / Гумрук - маҷаллаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (68), декабри 2024. - Душанбе: ХГ ҲҶТ, 8 январи соли 2025. - 70 саҳ.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №62. - Душанбе, 2018. - Саҳ. 3-4.
5. Конвенция ООН против коррупции. Принята в г. Нью-Йорке 31 октября 2003 г. на 58-ой сессии Генеральной Ассамблеи ООН.
6. О противодействии коррупции. Федеральный закон от 25.12.2008 г. №273-ФЗ (ред. от 22.12.2014) //Собрание законодательства Российская Федератсия 29.12.2008, №52 (ч. 1), ст. 6228.
7. Путин В.В. Выступление на первом заседании Совета по борьбе с коррупцией 12 января 2004 года /http: //www. kremlin. ru /events/ president/ transcripts/ statements%20/22279 (46431 (дата обращения: 29.12.2024)
8. Ярыш В.Г. Коррупция в таможенных органах и противодействие ей // Современные научные исследования и инновации. 2015. № 2. Ч. 4 [Электронный ресурс]. URL: https://web.snauka.ru/issues/2015/02/46431 (дата обращения: 02.01.2025).


## ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АУДИТОРӢ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Раҷабов Садриддин Раҳматуллоевич*** *- ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*



*Дар мақолаи мазкур назорати иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар самти гумрук ва андозбандӣ қабул гардида нақши аудити гумрукӣ хело баланд буда, яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти муносибаҳои иқтисодӣ ва сиёсии хар як давлатро дар бармегирад. Дар мақола мафҳуми «Аудити фаъолияти гумрукӣ» ҳамчун яке аз намудҳои назорати гумрукӣ нақш ва масъалаҳои истифодабарии он дар фаъолияти*

*иқтисодӣ берунаи фаъолияти субъектони иқтисодӣ ва соҳибкорони инфиродӣ инъикос шудааст.*

***Калидвожаҳо**: баҳисобгирии муҳосибӣ, фаъолияти аудиторӣ, соҳибкори, идоракунӣ, буҷет, назорат, барасмиятдарории гумрукии, андоз, даромад.*

Дар шароити имрӯза барои назорати иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар самти гумрук ва андозбандӣ қабул гардида нақши аудити гумрукӣ хело баланд буда, яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти муносибаҳои иқтисодӣ ва сиёсии хар як давлатро ташкил менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки роҳбаладии фаъолияти иқтисодӣ берунаи ҳар як давлатро фаъолияти гумрукӣ ташкил мекунад. Фаъолияти гумрукӣ аз ибтидои дигаргуншавии иқтисодӣ танзимкунанда ва воситаи ташкилшавии муносибатҳои навӣ иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ консепсияҳои нав дар фаъолияти гумрукӣ ташкил ва дар муддати муайяни вақт амалӣ карда мешавад, ки вобастагӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар мамлакат ва таҷрибаи ҳуқуқӣ гумрӯкии ҷаҳонӣ муосир бо мутобиқати қонунгузории гумрукии Тоҷикистон мебошад.

Имрӯзҳо намудҳои гуногуни назорат вуҷуд дорад, ки барои идора

намудан ва қабули қарорҳои муносиб дар самти самаранок фаъолият намудани гумрук истифода бурда мешаванд, ки аудити гумрукӣ яке аз онҳо ба ҳисоб меравад [4. 156.сҳ]. Дар қонунгузории гумрукӣ мафҳуми аудити гумрук на чандон пештар пайдо шуд, ки шароити имрӯза рушди фаъоли он, дар ташкилшавӣ ва мустаҳкамкунии мавқеи ӯ дар қонунгузории гумрукӣ ба чашм мерасад. Чи тавре, қайд карда шуд, ки дар замони муосир аудити гумрукӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун яке аз намудҳои асосии назорати фаъолияти гумрукӣ эътироф карда шудааст. Аудити гумрукӣ худ санҷиши мустақил, ки аз тарафи аудиторони гумрукӣ гузаронида мешавад, фаҳмида мешавад.

Мақсади аудити гумрук дар он аст, ки тамоми вайронкуниҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулнамуда ва эътироф кардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шартномаҳои байналмилалии эътироф кардаи он дар самти мазкур саривақт ошкор ва бартараф карда шаванд.

Вазифаи асосии аудити гумрук ин афзоишдиҳии амалиётҳои гумрукӣ барои иштирокчиёнӣ фаъолияти иқтисодӣ беруна, инчунин ихтисор кардани талафот дар ҳолати ба расмиятдарории гумрукӣ, яъне санҷишҳои мазкур на дар ҳолати ба расмиятдарорӣ балки баъд аз хориҷшавии молҳо гузаронида мешаванд. Асоси моҳияти аудити гумрукиро таҳлилӣ аҳдномаҳои басташуда барои воридкунии молҳо, дарёфти нобаробариҳо дар ҳисобҳо, ки онҳо метавонанд ба шикоятҳои андозӣ оварда расонанд ва инчунин барои ташкилӣ муносибатҳои стратегии байни мақомоти андоз ва гумрук сабаб мешаванд, ташкил медиҳад.

Масъалаи дигари аудити гумрукӣ ин баҳодиҳии дурустии ҳисобкунӣ ва қабули пардохтои гумрукӣ мебошад. Дар замони имрӯзаи мо, яъне дар ҳолати рушди муносибатои иқтисодии беруна, инчунин дар ҳолати зиёдшавии иқтидорӣ воридот ва

содирот, мавҷудияти нишондиҳандаҳои воридотӣ ва содиротӣ санҷишҳои гумрукӣ барои сиёсати буҷетӣ хеле муҳим аст[2. 65сх].

Саволи он ки аудит ин фаъолияти мақомотҳои гумрукӣ мебошад ё ин, ки ё он фаъолияти сохибкории ташкилотҳои аудиторӣ мебошад, аз тарафи олимони соҳа дидабаромада шуд, ва хулосса аз он муайян карда шуд, ки аудити гумрукӣ яке аз қисматҳои асосии низоми назорати гумрукӣ (маъмурӣ) баҳисоб рафта комплекси чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд, ки аз тарафи мақомотҳои гумрук дар ҳолати санҷишҳои фаъолияти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна баъд аз ба анҷомрасии барасмиятдарорӣ, субъектҳои хоҷагидор, ки муносибати бавосита ва ё бевосита ба молҳо ва воситаҳои нақлиёт доранд, ки хати сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур мекунанд, инчунин соҳибони ҳӯҷҷатҳо, ки дар асоси убурҳои мазкур дахолат доранд, барои таъмини риояи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зимаи мақомотҳои гумрук вогузор карда шудааст фаҳмида мешавад. Дар натиҷаи таҳлилӣ таҷрибаи ҷаҳонии назорати гумрукӣ баъд аз барориши молҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мақомотҳои гумрукӣ давлатҳои хориҷа назорати гумрукӣ дар шакли аудити гумрукӣ амали карда мешавад (назорати гумрукӣ бо истифодаи усулҳои аудит), ки дар расми 1 сохторӣ гумрукӣ онҳо инъикос шудааст.




**Расми 1. Сохторӣ гумрукии давлатҳои хориҷӣ**

Аудити гумрукӣ дар худ марҷилаҳои зеринро ҷойгир мекунад: Марҳилаи якум муайянкунии самти фаъолияти аудиторӣ. Дар бисёр давлатҳои тараққикарда таҷриба оиди истифодабарии методҳои аудит ҷамъовари шудааст мисол, дар Итиҳоди Аврупо самтҳои асосии “назорати гумрукиро баъд аз тозакунӣ”, ки асос ёфтаанд ба омори қонуншиканӣ ва низоми идоракунии хауфҳо, муайян карда шудаанд:

- аудити гурӯҳбандии тарифӣ молҳо (инчунин рамзҳои иловагӣ);
- аудити пайдоиши молҳо;
- санҷиши пуррагӣ ва саривақт пардохт намудани боҷҳои махсус;
- таҳлилӣ ҳаққоният ва муҳосибаи арзиши гумрукӣ (бо ҳисоби факторҳои баландбардории арзиши гумрукӣ);
- назорат баъд аз барориши молҳо, ки дар тартиби мутобиқати барориш дар минтақаи озоди гумрукӣ (аудити мутобиқат ба шартҳои муайяншуда);
- аудити воридоткунандагони маснуоти саноати, либос, пойафзол ва аудити воридоткунандагони бузург;
- аудити содирот;
- санҷиши субъектҳои хоҷагидор, ки дорои низомҳои содакардашудаи барасмиятдарории гумрукӣ;

Баъд аз интихоби самти аудит интихоби иштирокчиенӣ фаъолияти иқтисодӣ беруна ба анҷом расонида мешавад дар самтҳои интихобшудаи аудит. Қайд кардан ба маврид аст, ки марҳилаи мазкур дар ҳамаи мақомотҳои гумрукӣ исифода бурда намешавад ва танҳо дар онҳое истифода бурда мешавад, ки дорои таҷрибаи зиёди ҷамшуда дар ташкили назорат баъд аз барориш мебошанд, ки иҷозати муайян кардан аз ҳама хавфноктарин амалҳоро медиҳад.

Марҳилаи дуюм ин ҷудокарда гирифтани иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна.Ҷараёни ҷудокарда гирифтани иштирокчиён самаранок фаъолият мекунад дар мақомоти гумрукӣ Ҷопон, барои ҳамин давраи мазкур дар мисоли ин давлат ба роҳ монда мешавад. Ҷудокарда гирифтани иштирокчиён барои мақсади гузаронидани аудит аз тарафи мақомотҳои гумрукӣ бо истифодабарии низоми идоракунии хавфҳо гузаронида мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳониро таҳлил карда ба ақидае омадан мумкин аст, ки ҷудокунии мазкур дар асосӣ меъёрҳои додашудаи хавфҳо ба роҳ монда мешавад. Мақомоти гумрукӣ Ҷопон назорати гумрукиро дар асоси методҳои аудити он иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна (воридкунандаҳо) амалӣ мегардонад, ки онҳо бо маблағи як милион иенро (пули Ҷопонӣ) пардохт карда бошанд. Дар мақомотҳои гумрукӣ Ҷопон воҳидҳои назорати гумрукӣ баъд аз барориш мавҷуд нест, аммо шуъбаҳои пости аудит ҳаст. Аз ин мушоҳида кардан мумкин аст, ки вазифаи воҳидҳои назорати гумрукиро шуъбаи пости аудит ба анҷом мерасонад.

Дар сеюм марҳила-тартибдиҳии нақшаи аудит. Дар аввали моҳ руйхати пурраи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна шаклбандӣ мешаванд, ки моҳи дигар бояд санҷидашаванд, инчунин намуди аудите, ки бояд гузаронида шавад муайян мешавад бо вақти гузаронидан ва тақисимоти минтақаи кор. Дар Иттиҳоди Аврупо ҳама сола зарур аст амаликунии "назорати гумрукӣ баъд аз хориҷкунӣ" дар хусуси ақаллан 5% иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна. Марҳилаи чорум – ин гузаронидани аудит:

1. Фаъолияти иштирокчии фаъолияти иқтисодӣ берунаро меомӯзад ба воситаи намуди хавфи он, сохтори ташкилшавии хавф, сохтори ташкилшавӣ, ҳаҷми воридот, ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ, арзиши гумрукӣ ва ғ.

2. Санҷида ва баҳодода мешавад низоми назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ, диққати асосӣ дода мешавад: низоми расмиёти харид ва фуруши молҳо, китобҳои баҳисобгирии иштирокчӣ, ҳисобҳои тиҷоратӣ ва ҳуҷҷатҳои пардохтӣ.

3. Санҷида мешавад дурустии арзиши гумрукии пешниҳодшуда: омӯзиши ҳуҷҷатҳои вобаста ба аҳдномаҳои басташуда ва тасдиқи ҳаққонияти онҳо, муқоисаи шартномаҳои хариду фуруш, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, муайянкунии шартҳои бурда расонидан, назорати журналӣ баҳисобгири харидҳо, тасдиққунандаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки тасдиқи пардохти тарифҳои пардохтӣ мебошанд.

Марҳилаи панҷум бошад – ин ҷамъбасти назорати гумрукӣ мебошад. Дар марҳилаи зерин ҳисобот шаклбанди мешавад, ки дар он натиҷаи санҷишҳо оварда мешаванд. Ҳисобот ба иштирокчии фаъолияти иқтисодӣ беруна ва мақомоти болои фиристода мешавад барои қабули қарорҳо.

Марҳилаи шашум – ин гузаронидани баҳодиҳии риояҳо ва назорати иҷроиш. Маълумотҳои баъди ҷамъбасти санҷишҳои гузаронидашуда бояд асос шаванд, барои категориякунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ беруна [3,89 саҳ]. Мувофиқи дастовардҳои хадамотӣ гумрукӣ дар самти аудит ташкилоти байналмилалии гумрукӣ тавсия дода мешавад истифодабарии нақшаи даврии аудити гумрукӣ, ки аз марҳилаҳо иборат мебошад (расми 2).




**Расми 2. Нақшаи даврии мақомоти байналмилалӣ оид ба гузаронидани аудит**

Яке аз роҳҳои стратегии рушди хадамоти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин беҳтаргардонии назорати гумрукӣ баъд аз барориши молҳо мебошад. Мақсади асоси «Ташкили таҳкурсии методологии назорати гумрукӣ баъд аз барориши молҳо дар асоси методҳои аудит ва стандартикунонии фаъолияти санҷишӣ» барои, баланд бардоштани дараҷаи назорати гумрукӣ баъд аз барориши молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо

мақсадона истифода бурдани принсипҳои байналмилалии гузаронидани назорати гумрукӣ баъд аз барориши молҳо мебошад.

Хулас, нақши аудити гумрукӣ дар замони муосир боло рафта рӯз то рӯз талаботҳои нав вобаста ба анҷомдиҳии аудити мазкур зиёдшуда истодааст, на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон балки инчунин дар тамоми ҷаҳон. Дар мақола мафҳуми «Аудити фаъолияти гумрукӣ» ҳамчун яке аз намудҳои назорати гумрукӣ нақш ва масъалаҳои истифодабарии он дар фаъолияти иқтисодӣ берунаи фаъолияти субъектони иқтисодӣ ва соҳибкорони инфиродӣ инъикос шудааст.

**Адабиёт**

1. Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти аудиторӣ 22.07.2013, № 993.

2. Терехов Н.В. Таможенный контроль как средство выявления правонарушений во внешнеторговой деятельности // дисс.канд. юридич. наук, М.: 2003. - 112 с.

3. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020.

4. Қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои бољњои гумрукии содиротӣ» аз 03.06.2014 №377.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ» аз 08.08.2018 №399.

6. Халипов. С. В. Проблемы соответствия законодательства Российской Федерации о таможенном деле международным стандартам в сфере таможенного регулирования: дисс. канд. юридич. наук Москва, 2011. - 221 с.

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **Каримзода Х.А.** Пешгуфтор | 3-4 |
| **Раджабов Р.К.** Институциональные аспекты формирования таможенно-транспортного кластера и развитие экономики Республики Таджикистан в условиях цифровизации | 5-10 |
| **Факеров Х.Н., Раджабова Н.Р.** Проблемы цифровой таможни и пути их решения в Республике Таджикистан | 10-17 |
| **Нидоев Н.Ф.** Асосҳои илмии назариявӣ - методии танзими давлатии фаъолияти иқтисодию гумрукӣ дар шароити рақамикунонӣ | 18-25 |
| **Саидова М.Х., Холахмади С.** Актуальные вопросы институционального развития таможенного дела в Республике Таджикистан | 25-33 |
| **Джумъаев Б.М., Хайдарзода М.И.** Таможенные преференции в глобальной экономике: анализ многосторонних и двусторонних соглашений | 34-42 |
| **Маҳмадҷонов М.Д.** Такмилдиҳии танзими гумрук – тариф яке аз омили таъмини амнияти иқтисод | 42-48 |
| **Насриддинов Ф.Б., Абдуҷабборзода С.** Нақши Д.И. Менделеев дар таҳияи сиёсати гумрукии Русия | 48-54 |
| **Мираков Қ.** Самтҳои ҳуқуқии такмили маъмурикунонии гумрукӣ дар Тоҷикистон | 54-60 |
| **Ёров Ё.Н.** Рақамикунон дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон | 60-66 |
| **Хикматов С.И., Ашурова М.Т.** Опыт зарубежных стран по проведению таможенного контроля за применением таможенных платежей | 66-74 |
| **Раджабова Н.Р.** Цифровые технологии- эффективное направление проведения таможенной экспертизы товаров | 75-80 |
| **Алиев М.Б.** Сиёсати гумрук омили пешбарандаи фаъолияти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 80-85 |
| **Турсунов Х.М., Соҳибова Ш.Б.** Арзёбии самарабахшии унсурҳои таъминоти молиявии идоракунии низоми гумрук | 85-92 |
| **Абдукодирзода Дж.К.** Формирование стратегии развития организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в Таджикистане | 93-98 |
| **Табаров А.Қ.** Муайян кардани нитратҳо дар таркиби маҳсулотҳои х рока | 98-103 |
| **Умарова С.И.** Рушди мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир | 104-109 |
| **Ғаюрӣ Р.С.** Нақлиёти барқӣ ва арзёбии имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 109-114 |
| **Назарбекова Н.А.** Роҳҳои ташаккули логистикаи гумрукӣ дар шароити муосир | 114-119 |

| | |
|---|---|
| **Абдураҳмон Ҳакимзода.** Нақши минтақаҳои озоди иқтисод дар рушди соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 119-129 |
| **Умедҷони Амонӣ**. Баъзе аз ҷабҳаҳои рушди институтсионалии фаъолияти гумрук дар шароити муосир | 129-132 |
| **Ҳабибов С.И.** Нақши гумрук дар таҳкими иқтисодиёти сабз | 132-136 |
| **Раҷабов К.Р**. Нақши андоз аз арзиши иловашуда аз молҳои воридот дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 136-140 |
| **Алиев М.Б.** Совершенствование цифровых технологий в таможенной деятельности Республики Таджикистан | 141-151 |
| **Джабборов А.Дж., Дустматов Б.М.** Роль налоговых и таможенных платежей в формирование доходов государственного бюджета | 151-156 |
| **Шохназари Х. Г., Гулмирзоев Р. Н., Зафарзода А.** Цифровизация таможенных органов Республики Таджикистан: перспектива перехода на мировую систему таможенных данных ASYCUDA | 156-160 |
| **Ясакиева С.А.** Напаравление развития приграничной торговли: таможенные аспекты | 160-163 |
| **Мирзоалиев А.А.** Идоракунии самараноки кормандон дар мақомоти гумрук | 164-174 |
| **Раҷабов К.Р., Раҷабова З.Ч.** Механизми ҳисоб кардан ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт дар раванди воридоти онҳо ба Тоҷикистон | 174-178 |
| **Холов М.Х.** Нақши тавзеҳоти Номг йи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷ дар муайян кардани мавқеи мол | 178-185 |
| **Нидоев Н.Ф., Назарбекова Н.А., Ашурова М.Т.** Тағйиротҳо дар муносибатҳои иқтисодии гумрукию андозӣ - меҳвари асосии танзими гумрук дар шароити рақамикунонӣ | 186-193 |
| **Яъкуб Хасанзода, Мухаммадиев С.Ш.** Системаи тиҷорати электрон дар савдои беруна | 193-200 |
| **Олимов Д.А.** Хусусиятҳои танзимкунанда ва такмилдиҳии баҳисобгирии амалиётҳои гумрук оид ба ҳисобҳои асъорӣ | 200-209 |
| **Ҳасанов Я.С.** Рушди хизматрасониҳои гумрук дар шароити иқтисодиёти рақам | 210-214 |
| **Машокиров Дж.Н.** Улучшение благосостояния населения в приграничных районах Таджикистана и Афганистана | 214-226 |
| **Юсупова Ҳ. Ҳ.** Рушди тиҷорати электрон ва арзёбии хароҷотҳо дар савдои байналмилал | 226-232 |
| **Шерализода Р.М.** Ташаккули ҳукумати электрон ва беҳдошти низоми идоракунии гумрук | 232-236 |
| **Шоназарзода Н.Ш.** Роль таможенных органов в реализации фискальной политики Республики Таджикистан в условиях цифравизации | 236-245 |
| **Амонатзода М.А., Холова Ҳ.Р.** Иқтисодиёти сабз ҳамчун манбаъҳои иловагии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ | 246-253 |

| | |
|---|---|
| **Зубайдов С., Субхонов Дж.А.** Развитие туризма в Республике Таджикистан: таможенные аспекты и нормативы | 253-258 |
| **Сафарова М.Б.** Совершенствование взаимодействие таможенных органов и миграционных служб в части исполнения миграционного законодательства | 258-264 |
| **Раҳмонқулов М., Насриддинов Т.М.**Нақши кори мустақилонаи донишҷӯёни фаъолияти гумрук дар ташаккули маҳорати мустақилияти худомӯзӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ | 264-268 |
| **Каримов И.И., Ҷӯраева Н.А., Каримов П.И., Шарипова П.И.**Нақши хизматрасониҳои гумрукӣ дар рушди корхонаҳои саноатию кишоварзии бо сармояи хориҷӣ таъсисёфта | 268-272 |
| **Нидоев Ш.Н.** Масоили мубориза бо коррупсия дар мақомоти гумрук | 272-276 |
| **Раҷабов С.Р.** Тартиби гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 276-281 |

**Бо қарори Шурои илмӣ-техникии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст**

**(суратҷаласаи № 1 аз 13 январи соли 2025)**

**Институциональное развитие таможенной деятельности в современных условиях** //Сборник материалов международной научно-практической конференции: под общей редакцией д.т.н., профессора Назарзода Х.Х., д.э.н., профессора Раджабова Р.К. – Душанбе: ТГУК, 2025. – 285 с.

Ба чоп 14.01.2025 имзо шуд. Андозаи 60х84[1]/16. Коғази офсетӣ.
Ҳуруфӣ Times NewRomanTj. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 15,5.
Адади нашр 50. Нархаш шартномавӣ.

---

Дар матбааи «Абдураҳмон-Р» чоп шудааст.